Самариддин Асозода

# АШКИ ХАНДА



Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-4
А-40

Муҳаррир *Гурез Сафар*

А-40 **Самариддин Асозода. Ашки ханда** *(латифаҳо).*
– Душанбе, «Адиб», 2011, 64 саҳ.

Латифаҳои нависандаи ҷавони боистеъдод Самариддин Асозода хонданбобу дилнишинанд, зеро аксаран лутфи нозук ва заминаи ҳаётӣ доранд.

ISBN 978-99947-2-29-3

© Самариддин Асозода, 2011

# АЗ РӮЗГОРИ АҲЛИ ҚАЛАМ

*(Аз дидаву шунида)*



## ФАРҚИ ОЛИМ АЗ СУРАТГИР

Мухбири суратгире забоншиноси шинохта Бобоназари Бобохонро вохӯрда, мегӯяд:

– Мақолаатонро дар рӯзнома хондам, вале аз он чизе нафаҳмидам.

– Нафаҳмидӣ, ки олим аз суратгир фарқ дорад?! – мегӯяд дар ҷавоб Бобоназар.

## ҲАМАРО БОЯД ҶАРРОҲӢ КАРД

Баъди сармуҳаррир таъин шудани Ширин Шайдоӣ аз саҳифаҳои рӯзномаи «Ҳақиқат» гӯшаи «Маслиҳати духтур» «ғайб» зад. Сабаб пурсиданд, гуфт:

– Агар ба маслиҳати духтурони ҳозира амал намоем, ҳамаро бояд ҷарроҳӣ кард.

## ЯРОҚ

Рӯзе шоир Хайрандеш ручкаашро дар пештоқи тирезаи навбатдорон гузошта, пасон ба қабули сардори раёсати ислоҳи меҳнатӣ, муовини вазири адлияи ҷумҳурӣ, генерал Алихон Раҳмонов медарояд. Дар бозгашт аз пештоқ ручкаашро гирифта, боз роҳашро давом медиҳад. Шогирдаш Юсуфҷон Юсуфзода, ки бо ӯ ҳамроҳ буду ин ҳамаро мушоҳида мекард, сабаб пурсид.

Хайрандеш дар ҷавоб гуфт, ки ба девори рӯ ба рӯи даромадгоҳ нигоҳ кунад. Он ҷо чунин навиштаҷот буд: «Яроқҳоятонро супоред!».

## СВЕТОФОР

Шоири халқии Тоҷикистон Раҳмат Назрӣ шоираи ҷавонеро маслиҳат медод, ки боз ду шоири ҷавони дигар ба дафтари кориаш ворид шуданд. Пасон шиносоӣ оғоз гардид:

– Ин кас Гули Зард, – шинос кард Раҳмат Назрӣ ҳамроҳашро.

– Ин кас Гули Сурх, – Давлати Раҳмониёнро, ки сурхинарӯст, муаррифӣ кард Абӯсаиди Воҳид.

– Ин кас бошад, Гули Сабз, Абӯсаидро, ки сабзинарӯст, шиносонд Давлат.

– Светофор шудед-ку?! – афзуд Раҳмат Назрӣ.

## ВОХӮРИИ АВВАЛИН

Одатан, баъди хатм донишҷӯён дар винеткаҳое, ки мегиранд, рӯзу моҳи соли нахустин вохӯрии сарҷамъонаро қайд менамоянд. Ва ин анъана аз назари хатмкардагони соли 1978-и факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ пинҳон намонд. Онҳо нигоштанд: вохӯрии нахустин соли 1979. Чанд рӯз баъд аз маъракаи хайрбодӣ журналист Саидалӣ Сиддиқ ҳамкурсаш Муслиҳиддинро дида, салом медиҳад, вале ӯ нодида гирифта, роҳашро давом медиҳад. Саидалӣ гумон мекунад, ки шояд ӯ нашинохта бошад ва аз дунболаш роҳ пеш мегирад. Баъди ба ӯ расидан мепурсад:

– Муслиҳиддин, маро нашинохтӣ-чӣ?

– Шинохтам, шинохтам, лекин ту винеткаро нахондаӣ, ки вохӯрии аввалин кай барпо мегардад?!

## ЖУРНАЛИСТИ БЕҲТАРИН

Дар сӯҳбате журналист Раҳматкарими Давлат ба ҳамкораш Сайёфи Мизроб гуфт:

– Ба идораи рӯзнома таҳти унвони «Беҳтарин журналисти асри XX-и тоҷик» мақолае овардананд...

– Аз кай боз дар бораи ман менавишатагӣ шудаанд? – мегӯяд Сайёф.

## «КОРРУПСИЯ ДАР РАДИО»

Як тан аз кормандони эҷодии Хонаи радио аз роҳбари Маркази тадқиқоти журналистии Тоҷикистон Хуршеди Атовулло мепурсад, ки алҳол ба пажӯҳиши кадом масъала машғуланд?

– «Коррупсия дар Радиои Тоҷикистон», – мегӯяд дар ҷавоб Хуршед.

– Инро чӣ хел фаҳмидан мумкин?!

– Бисёр оддӣ. Чунки ҳар дуввумин корманди Радиои

тоҷик бо маош қаноат накарда, дар тӯю маъракаҳо барандагӣ мекунанд.

## ИЗҲОРОТУ ТАБРИКОТ

Журналист Н. дар тӯи арӯсие сухан кард. Аз ӯ пурсиданд:

– Ҳамин суханҳоят дар рӯзнома низ чоп шуда буданд?

– Бале, – гуфт ӯ, – аммо он ҷо изҳорот буд, ҳоло бошад табрикот аст.

## НӮШБОД

Шаби Соли навро ҳамроҳи адибон Раҳмон Остон ва Аброри Зоҳир дар хонаи Ҷумъа Қуддус пешвоз гирифтем.

Соли нав фаро мерасид. Қадаҳҳоро пур карда аз Раҳмон Остон хоҳиш кардем мисли ҳаҷвияҳои намакини маҷаллаи «Хорпуштак» нӯшбод гӯяд.

Баъди лаҳзае ӯ гуфт:

– Менӯшем! Бе матн!

## ҲАМНОМ

Ҳаҷвнигор Гурез Сафар журналист Бегиҷони Махсумро дида мепурсад:

– Ҳамном, чӣ хелӣ?

– Чӣ хел, ман ҳамноми ту будаам? – китф дарҳам мекашад Бегиҷон.

– То ҳол намедонӣ?! О, Бегӣ ба тоҷикӣ Гурез мешавад-ку?!

## ФИЛИАЛИ АШӮР САФАР

Нависанда Раҷаб Мардон ба журналист Наҷмиддини Азиз Гурез Сафарро чунин мешиносонад:

– Шинос шав! Ин кас Гурез Сафар, филиали Ашӯр Сафар дар Душанбе.

## ЧАРО ИНТИЗОМ НЕСТ?

Шоири ҷавон Шодмони Шерзод дафъае чанд ба дафтари кории шоир Низом Қосим сар веруд оварда, ба ӯ дучор на-

меояд. Аз барор нагирифтани кор музтариб шуда, ахиран рӯи мизи вай байти зеринро нигошта мемонад:

*Ҷӯяндаи Низомаму аммо Низом нест,*
*Номаш агар Низом, чаро интизом нест!*

## ЗЕРМАТНАШ ҲАМ БАД НЕ!

Ҳамкорам журналист Ҷумъахони Набот навиштани зерматни суратеро хоҳиш кард.

– Сурат зебою дар назарам хиратар метобад, – гуфтам.

Қарор додем фардо натиҷагирӣ мекунем.

– Ана, бинед, сурат чӣ хел зебо баромадааст, – рӯзномаи тозанашршударо нишон дод ҳамкорамон Умари Шерхон, ки аз сӯҳбати мо воқиф набуд. Лаҳзае ба рӯзнома чашм давонда гуфтам:

– Зерматнаш ҳам бад не!

## БАРВАҚТ НАГУФТӢ!...

Дар як нишаст рӯзноманигор Нуралӣ Давлат нақл кард:

– Журналист Раҷаби Мирзоро ду маротиба ба деҳа бурдам. Бори аввал як хешамон, дафъаи дуюм ҳамсоя бо писараш реҳлат карданд...

– Ҳаминро барвақтар нагуфтӣ, ман ҳам ба як-ду ҷой мебурдамаш, – гуфт Сайёфи Мизроб.

## СУХАНАШ ЗЕБОТАР

Журналист Шамсиддини Солеҳ як сураташро барои хотира бо суханони зебо ба шоир Хайрандеш медиҳад. Шоир онро дар девори хонааш пуштнокӣ мечаспонад. Сабаб мепурсанд, мегӯяд:

– Аз сурат дида, суханаш зеботар!

## БИЛОЛОВ

Ҳангоми имтиҳони давлатӣ устоди Донишгоҳи миллӣ Сӯҳроб Ниёзӣ аз донишҷӯе мепурсад:

– Кадом тоҷикеро медонед, ки Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ шудааст?

– Са-ид-қул... – луқма мепартояд касе.

– Билолов, – филфавр посух медиҳад донишҷӯ.

## ПУЛ МЕДИҲӢ...

Шоир Ҳасратӣ ба ҷоизае мушарраф мегардад. Мухлисон аз хабари тоза хушҳол гашта, ба табрикаш мешитобанд. Яке аз ёрони кунҷков мепурсад:

– Баробари ҷоиза пул ҳам медиҳанд?

– Не, пул дода, баъд ҷоиза мегирӣ, – мегӯяд Ҳасратӣ.

## ДАР САРИ ҚАБРАТ ХОНАМ

Рӯзе бо ҳамкорон тамошои бозор рафтем. Суханҳои булаҷаби фурӯшандае моро афсун карду аз маҳсулоташ харид кардем. Ҳини ҳисобӣ кардан фурӯшанда бо як чолокӣ ба ҳар яки мо боз як кафии дигар шакар зам карда, ба ивазаш аз мудири шӯъба Саидзода, ки муллонамост, фотиҳаи нек хост. Саидзода фотеҳа дод. Аммо дар мизони ошхонаи коргоҳ вақте шакарҳоро аз нав баркашидем, аз ҳар килло дусад граммӣ кам омад. Ба якдигар нигаристем. Мудир фурӯшандаро пеши назар овардан пас, сӯи қибла гашту кафи дуо бардошта гуфт:

– Корат ҳамин бошад, додар, илоҳӣ ин дафъа Ҳазрати таборакро дар сари қабрат хонам.

## МЕМУРӢ, КОР КУНӢ?

Рӯзе рӯзноманигор Н.-ро назди бозори «Саховат» се тан ҷавони ҳузарб боздошта, бе ҳеҷ пурсиш кисаҳояшро тагурӯ мекунанд.

– Чӣ мекобед охир, ҳеҷ чиз надорам, – арзкунон мегӯяд ӯ.

– Чаро ҳеҷ чиз надорӣ? – мeғурад яке.

– Чунки ҳеҷ ҷо кор намекунам.

– Мемурӣ, кор кунӣ!..

## МАН МОДАРЗОД ШОИРАМ

Солҳои донишҷӯӣ шоирон Хайрандешу Рустами Ваҳҳобиён назди Аскар Ҳаким шеърҳои навмашқонаи худро мебаранд. Аскар Ҳаким ҳар дуро мепурсад:

– Аз кай боз шеър менависед?

Рустам:

– Аз синфи ҳаштум.

Хайрандеш:

– Ман модарзод шоирам.

## ВАТАН ДОРАД ҲАЗОР УММЕДВОРӢ...

Журналист Нозир Ёдгорӣ бо шоир Хайрандеш вохӯрда, хоҳиш мекунад, ки китоби нави шеърҳояшро барояш тақдим кунад. Хайрандеш қасам мехӯрад, ки ягон нусха дар даст надорад. Вале Нозир бовар накарда, маҷбур аз портфели шоир ду китобашро ёфта, мегӯяд:

– Ман китобҳои туро намехонам, ба бачаҳоям медиҳам.

Сипас, Хайрандеш чунин соядаст менависад:

*Ватан дорад ҳазор уммедворӣ*
*Зи фарзандони Нозир Ёдгорӣ.*

## ТАЪБИРИ ХОБ

Шабе соати чор садои занги дари хонаи журналист Сайёфи Мизроб баланд мешавад. Дарро кушода, рӯ ба рӯяш шоири иҷоранишин С.-ро дида, нафасросткунон сӯи завҷааш нигариста мегӯяд:

– Хайрият, аҷинахоби дидаам ба ҳамин баромад.

## ХУНУКИРО ГАРМ КАРДА ХӮРДАМ

Аслам Адҳам зимистоне меҳмони Ҳақназар Ғоиб мешавад. Баъди хӯрдани хӯроки шому тамошои оинаи нилгун мизбон дар хонаи навсохти худ барои меҳмон ҷойхоб дуруст карда, гармкунаки худсохтеро даргиронида мемонад. Субҳ дамидан пас назди меҳмон омада мепурсад:

– Хунук нахӯрдед?

– Не. Хунукиро гарм карда хӯрдам.

## ОБУНА ШАВЕДУ...

Вохӯрии як гурӯҳ ҷавонони фаъоли кишвар бо ҳайати эҷодии рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» баргузор гардида, баҳси тӯлоние ба миён меояд. Чун навбати сухангӯӣ ба

Сайёфи Мизроб мерасад, ӯ ба ояндагони ҷамъият барор хоста, таманно мекунад:

*Хуршедсифат басо ҷаҳонгир шавед,*
*Обуна шаведу баъд аз он пир шавед.*

## МУВОФИҚИ ҚАДУ ҚОМАТ

Дар ҷашни 60-солагии Асадулло Саъдуллоев аз Салими Зарафшонфар хоҳиш мекунанд, ки соқигиро ба ӯҳда гирад. Муаллим Муроди Муродӣ, ки қади баланду ҷуссаи паҳлавонона дорад, гуфт:

– Лекин вақти рехтани шароб қаду қоматро ба назар гиред.

Салим шишаро назди Муродӣ ниҳод.

– Ҳа, чӣ шуд? – суол кард Қироншоҳи Шарифзода.

– Агар қаду қоматро ба назар гирем, бояд Муродӣ шишаро танҳо нӯши ҷон намояд.

## МАН МЕМУРАМ-ЧӢ?!

Як гурӯҳ ҳамкорон ба аёдати рӯзноманигор Имомназари Холназар мераванд. Аккос Нурулло Исобоев дарҳол гирди бемор даврзанон аксбардорӣ мекунад. Имомназар мегӯяд:

– Ин мардак фикр мекарда бошад, ки ман мемурам-чӣ?!

## ИСЛОҲ МЕШАВӢ

Сайёфи Мизроб рӯзе ба хонаи дӯсти шоираш Н. меҳмонӣ меравад. Даромадан замон чашмаш ба рӯзномаҳои тозанашри дарида меафтаду сабаб мепурсад.

– Одате дорам, ки рӯзномаҳоро хонда, сипас, дар ташноб истифода мебарам, – мегӯяд мизбон.

– Мунтазам хондан гир, ислоҳ мешавӣ, – посух медиҳад Сайёф.

## ФАЪОЛИЯТРО БОЗДОРЕМУ...

Шоир А. М. аз Сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанбе барои чопи китобаш кӯмак мепурсад.

– Чӣ миқдор басанда? – суол мекунад намояндаи сафорат.

– Панҷоҳ ҳазор сомонӣ.

– Ин тавр бошад, маҷбурем фаъолиятро боздорему маҷмӯаи шуморо чоп кунем.

## ПУШКИН МЕШУДААСТУ...

Журналист Сулаймони Ҷамил аз Хайрандеш мепурсад:

– Бо тахаллуси Мушкин шеър нависам мешавад?

– Чаро намешудааст, – мегӯяд Хайрандеш. – Албатта, мешавад, Пушкин мешудаасту Мушкин намешавад?!

## АЁДАТИ ХАЙРАНДЕШ

Хайрандеш барои аёдати аҳли байташ аз Душанбе ба Қӯрғонтеппа меравад. Расидан замон ба ӯ мегӯянд, ки дар хона на пиёзу картошка ҳасту на орду гӯшту равған. Ғамгин шабро рӯз мекунаду субҳи фардо боз ба Душанбе баргаштанӣ мешавад, ки писарчааш аз дасташ дошта, мегӯяд:

– Як рӯзи дигар бо мо намеистӣ?

Хайрандеш дар ҷавоб мегӯяд:

– Не бачам, дар ин ҷо ҳамроҳи шумо аз гушнагӣ мемурӣ.

## БА ХОТИРИ ХУДАТ ГИР

Сайёфи Мизроб дар маъракае бо вакили мардумӣ Олимҷон Салимзода якҷо дар як табақ оши палав мехӯранд. Хӯрок тамом нашуда, Олимҷон даст пок карданӣ мешавад, ки Сайёф мегӯяд:

– Устод, гиред охир, ба хотири худатон гирифта истодаам.

Олимҷон ҷавоб медиҳад:

– Агар ба хотири ман гирифта бошӣ, ҳазор раҳмат додар, ана, акнун ба хотири худат гир.

## ҚАРЗПУРСӢ

Хайрандеш аз як дӯсти сарватмандаш хоҳиш мекунад, ки барояш ҳазор доллари амрикоӣ қарз диҳад.

– Ин қадар пулро чӣ кор мекунӣ? – мепурсад ӯ.

– Мехоҳам, ақаллан як ҳафта мисли одам зиндагӣ кунам, – мегӯяд Хайрандеш.

## ДИДААСТ, КИ ЯГОН МАҒЗ НЕСТ…

Боре як дӯсти шоираш ба журналист Абдулфайз Атоӣ нақл мекунад: «Шаб эҷод мекардам, ки ба гӯшам ногаҳон нонхӯраке даромад. Табъам хира шуду шеър бо ҳамин нотамом монд».

– Пасон, нонхӯрак аз гӯшатон ба зудӣ баромад ё не? – дарҳол мепурсад Абдулфайз.

– Ҳа, хайрият, ки ба зудӣ баромад.

– Дидааст, ки сарат бемағз аст, баромадааст-да.

## ҲАЙРОНӢ

Абдулфайз Атоӣ назди дӯсти шоираш меравад. Мебинад, ки ӯ бо як даст пишакеро силакунон бо дасти дигар чизе менависад. Бо ҳайрат ба шоир менигарад.

– Чӣ ҳайрон шудӣ? – мегӯяд шоир. – Акнун дидӣ, ки мо чӣ хел ҳайвонҳоро дӯст медорем?

– Ман аз дигар чиз ҳайронам, – мегӯяд Атоӣ. – Аз он ки чӣ хел саг бо пишак соз мегирифтааст?!

## ҲАЙВОНҲОРО ҚАМА МЕКУНАНД?

Баъд аз кор ба хона бармегаштам, ки дар роҳ ба ман гуфтанд: «Писари ҳамсояро саги девона газидааст ва ӯро дарҳол ба беморхона бурданд».

Писарчаам Самандар, ки аз ин ҳодиса хабардор будааст, пойгаҳи дар расидан замон аз ман пурсид:

– Ҳайвонҳо ҳам ҷиноят содир кунанд, қамаашон мекунанд?

– Бале, – гуфтам, ӯро ором каданӣ шуда.

– Дар куҷо? – боз кунҷковӣ карда пурсид ӯ.

– Дар Боғи ҳайвонот.

## МАН ҲАМ ДОРАМ

– Яксомона дорӣ? – пурсидам аз ҳамкорам Шафоатуллои Абдулло.

– Ҳа, – гуфт ӯ ва яксомонаеро сӯям дароз карда. Ман онро гирифтаму даҳсомонаеро сӯяш дароз кардам. Чунки аз ӯ

9 сомонӣ қарздор будам. Ин манзараро, ки ҳамкори дигарамон Барноз Гадоализода ба мушоҳида мегирифт, рӯ сӯи ман оварда гуфт:

– Ман ҳам яксомона дорам!

## АТТЕСТАТСИЯ

Муовини аввали сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷумҳурият» «Аттестатсия» ном мақолаеро ба шӯъбаи котибот оварда чандин маротиб ба ману ҳамкорам Ашӯр Ашӯров мурочиат кард, ки ба чопи ҳарчи зудтари он мусоидат намоем.

Рӯзе дар ҷавоб ба ӯ гуфтам:

– «Аттестатсия»-атон аз аттестатсияи котибот нагузашт.

## ТАЪЗИЯ

Ба идораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз Ширкати «Барқи тоҷик» таъзия оварданд.

– Майлаш, чоп мекунему лекин идораи «Барқи тоҷик»-ашро мегирем, – гуфтам ман.

– Охир ҳаминаш ба мо даркор…

– Аммо мақсад дигар чиз аст, – фаҳмонидам ман. – Хонандагон боз фикр накунанд, ки марҳумро қувваи барқ задаст?!

## РАҚСИ ТАНГО

Ба истиқболи дуюмин солгарди «Муҳаббат ва оила» дар яке аз утоққҳои хурди ҳафтанома зиёфат ороста, як кунҷи онро барои рақсу бозӣ омода карданд. Шоираи ҷавон Барнои Қодирдухт, ки он ҷо ҳузур дошт, ҳайрон шуда пурсид:

– Дар ин ҷои танг чӣ хел рақс мекунед?

– Рақси Танго, – ҷавоб дод журналист Ҷумъаи Мирзо.

## ҲАМИНАШ ХУБТАР БУДААСТ

Шоир Абдулло Қодирӣ, ки як умр алимент месупорид, назди сармуҳаррири маҷаллаи «Адаб» чанд шеъри нави худро бурда, хоҳиш мекунад, ки ба чопи ҳарчи зудтари онҳо мусоидат намояд.

Баъди хонда баромадан Шодӣ Шокирзода мегӯяд:

– Аҳсант, устод. Ишқи ирфониро ба арши аълояш расонидаед!..

– Ҳа, ҳаминаш хубтар будааст. Ба мисли ишқи заминӣ «алимент» намесупорӣ.

## ҚИМАТ АФТОДААСТ-КУ?!

Ҳамкорам Н. кулоҳи нав дар сар ба кор омад. Шоир Абдулқодири Раҳим ӯро дидан замон табрик карду пасон пурсид:

– Чанд пул харидӣ?

– 86 сомонӣ, – гуфт Н.

– О, ин аз сар хеле қимат афтодааст-ку!

## ҶОНИ ДӮСТДОРОНУ...

Сармуҳаррири радиои «Садои Душанбе» Ҷонибек Асрориён аз Абдулқодири Раҳим хоҳиш кард, ки китоби навашро барояш тақдим намояд. Вақте ки Абдулқодир китобро овард, Ҷонибекро дар дафтари кориаш наёфт. Сипас, бо чунин соядаст онро рӯи мизи кории Ҷонибек гузошт: «Ба Ҷонибеки Асрориён, ки ҷони дӯстдорону беки «Садои Душанбе» аст, мебахшам».

## РАҲМАТӢ БИГӮ!

Журналист Раҷаб Мардон аз сафари хизматӣ баргашту ҳамкораш Акбари Муслим, ки бисёр хароб буд, наздаш даромада гуфт:

– Устод, як ҳафта пеш марде ба суроғи шумо омада буд.

– Кӣ будааст?

– Номашро медонистаму фаромӯш кардам.

– Симои зоҳириаш ҳам дар ёдат намондааст?

– Мондааст. Қади баланду рӯи сабзина ва мӯи сари мошубиринҷ дошту аз ман харобтар менамуд.

– Набошад, раҳматиаш бигӯ. Аз ту, ки харобтар бошад, ҳоли кайҳо мурд.

## МУРҒ ВА ЯХДОН

Журналист Додоҷони Мунаввар рӯзе барвақт аз кор ба хона бармегардад. Гуруснагӣ, ки ба ӯ ғолиб омада буд,

дарҳол гӯшти мурғи фарбеҳеро, ки дар яхдон меистод, ба тоба андохта пухта мехӯрад. Ҳамсараш фаҳмидан замон ташвишомез мегӯяд:

– Мардак, охир гӯшти мурғ аз ҳамсояи дасти ростамон буд, ки яхдонаш вайрон шудааст...

– Ҳеҷ гап не. Кори шудагӣ шуд, фардо фарбеҳтарашро харида меораму бурда медиҳӣ.

Субҳ, вақте Додоҷон озими ба кор рафтан мешавад, ҳамсояро вохӯрда узрашро мерасонад. Ҳамсоя бошад, дар ҷавоб:

– Гӯшти мурғ аз ҳамсояи қабати болоист, ки ба ман дода буд. Яхдони мо, ки вайрон аст, ба хонаи шумо овардам...

## МАН ОҒӮШ ГИРИФТА БУДАМ...

Ба идораи «Ҷумҳурият» марде омад, ки либосҳои чиркину дарида ва бадбӯй дошт. Ва ҳар касе шиносу ношинос аз пешаш мебаромад, кайҳо боз надидагӣ барин вохӯрдӣ мекард. Баъди рафтани ӯ журналист Ширин Шайдоӣ назди утоқи дастшӯӣ анбӯҳи ҳамкоронро дид, ки бо навбат дастонашонро собуншӯй мекарданд. Ҳайрон шуда, сабаб пурсид. Ба ӯ гуфтанд:

– Бо марди чиркину бадбӯй салом кардем...

– Ин тавр бошад, ман бо ӯ оғӯш гирифта будам...

## КӢ МЕДОНАД ДУХТАРИ КИСТ?

Котибаи рӯзномаи «Ҷумҳурият» Мамлакат Зубайдова ба аёдати ҳамкори собиқаш Имомназари Холназар рафта, мебинад, ки духтарчааш гирдаш шинухез дорад. Ба Имомназар мегӯяд:

– О, ту худатро таъриф карда мегуфтӣ, ки «ман мардам», занам духтар намезояду...

– Дурусту лекин охир ман беморам. Кӣ медонад ин духтари кист, – ҳамоно паст наомада, мегӯяд Имомназар.

## МАЪНӢ ХАЛАЛ НАЁФТААСТ-КУ

Корманди Нашриёти «Афсона» Оламгулро ҳунарпеша Ортиқи Қодир дида мепурсад:

– Ҷаҳонгул, чӣ хелӣ?

– Раҳмату, лекин ман Ҷаҳонгул не, Оламгулам, – ғазаби худро пинҳон дошта натавониста, мегӯяд Оламгул.

– Фарқаш чӣ, маънӣ халал наёфт-ку?!

## ЗАТО НИ ПЕШКОМ!

Як тан аз ҳамкасбон журналист Қироншоҳ Шарифзодаро дар сари фармони автомошинаи «Запорожетс» дида мазоҳ кард. Ҳатто хандида гуфт, ки мошини аз мӯд кайҳо боз баромада харидааст. Вале, ҳамин ки ба ӯ навиштаҷоти пушти мошинро нишон додем, лабу лунҷи бефарозашро якбора ҷамъ карда монд. Нигошта чунин буд: «Зато ни пешком!».

## ХОҲИШИ ДУТАРАФА

Муовини аввали сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷумҳурият» Карим Давлат ба шаҳри Кӯлоб сафари хизматӣ намуда, тифоқо бо дӯсти деринаш Давлатшо Шарофиддинов вомехӯрад. Баъди ҳолу аҳволпурсӣ дӯсташ ба ӯ мегӯяд:

– Каримҷон, писари ман ҳам дар яке аз рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ кор мекунад. Дар марказ, ки ҳастӣ, кам-кам нигоҳубинаш бикун, ки бача бачаи ёшай. Бо ягон кори хато накуна.

– Писарат кӣ шуда кор мекунад? – мепурсад Карим Давлат.

– Сармуҳосиб.

– Ин тавр бошад, ба писарат гӯй, ки кам-кам мара нигоҳ кунад.

## ПОСУХИ ХАЙРАНДЕШ

Шоир Хайрандеш аз марде 200 сомонӣ қарз гирифт. Се рӯз баъд мард ба хонаи шоир омад, то ин ки пулашро гирад. Хайрандеш рӯйхатеро ба ӯ нишон дода гуфт:

– Чӣ, ин 47 нафари аз ту пеш одам нестанд, ки ту қарзатро мепурсӣ?!

## БАЧАИ БАРӮЗӢ

Бо Хайрандеш дар хонае меҳмон шудем. Хонадор кӯдаки хурдсолеро рӯи зону шинонида бо мо гуфтугӯ мекард. Зимни сӯҳбат ӯ, аз ҷумла, гуфт:

– Ин набераи дӯстрӯяки ман аст.

Хайрандеш дарҳол гуфт:

– Бачаи барӯзӣ будай. Дар синну соли ӯ будан бобои ман кайҳо мурда буд.

## ДУ ПОСУХ

Файзалӣ Ҳасанов бо журналист Нурулло Ҳасанов дар маъракае, ки дар зодгоҳи аввалӣ сурат мегирифт, вомехӯранд. Аз он ки онҳо хеле монандӣ ҳам доранд, яке аз нишастагон инро изҳор медорад.

– Падари ман дар вақташ аз Даштиҷум ба ноҳияи Мӯъминобод тутфурӯшӣ мерафт… Шояд аз ҳамин рӯ, монанд бошем, – гуфт Файзалӣ.

– Падари ман бошад, пайвандгари хуби ниҳолҳои тут буданд. Ва гоҳ-гоҳе ба Даштиҷум тутпайвандкунӣ мерафтанд, – паст наомад Нурулло.

## РАҚАМИ ТЕЛЕФОН

Шоир Салими Хатлонӣ рақами телефони як дӯсти дигарамонро аз ман пурсид. Тахмин рақамеро ба ӯ гуфтаму занг зад, вале касе набардошт.

– Ҳеҷ кас, ки набардорад, аниқ телефони ӯст, – гуфт Салим.

## ПУЛАШРО ДИҲӢ, БЕҲТАР

Бо ҳамкасбонам Умед Сатторову акаи Иброҳим дар ошхонаи Нашриёти «Шарқи Озод», баъди хӯрдани хӯроки чошт, чой нӯшида менишастем, ки шиносамон Илҳом омад. Ва фаҳмид, ки хӯрок хӯрдаем, моро миннатдор карданӣ шуда, гуфт:

– Як пивоӣ гирам, менӯшем?

– Пулашро агар диҳӣ, беҳтар! – гуфт Иброҳим, ки айёрии ӯро нағз медонист.

## МУРДАН ҲАМ МУМКИН НЕСТ?

Як гурӯҳ журналистон дар зиёфати шоҳонае ҳузур доштем. Ҳама аз нуқлу навои дастархон баҳра мебурд, ба ҷуз Хуршеди Атовулло, ки дар даст қоғази духтур дошт.

– Ба ту чӣ шуд? – пурсид Раҷаби Мирзо.

– Бемор шудаам.

– Духтур чӣ мегӯяд?

– Мегӯяд, ки аз хӯрдану нӯшидани бисёр чизҳо парҳез кардан даркор.

– Парҳез кардан даркор, вале наход, ки аз ҳамаи ин нӯшу неъмат якеро ҳам хӯрдан мумкин набошад?

– Афсӯс, ки мукин нест.

– Нон ҳам хӯрдан мумкин нест? – пурсидам ман.

– Зардаҷӯш мекунад.

– Арақ чӣ?

– Якбора ба пӯсти баданам сурхӣ медамад.

– Помидору бодирингу гӯшту хӯриш бароят заҳри тайёр бошанд ҳам, наход, ки оби ҷӯшомада мумкин набошад? – боз пурсидам.

– Мумкин нест!

Сайёфи Мизроб, ки ин ҳамаро бодиққат гӯш мекард, пурсид:

– Мурдан ҳам мумкин нест?

## ПАРВО НАКУНЕД, РАИС

Директори Театри академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Исо Абдурашидов рӯзе баъди ба кор омадан назди ҳамкорон аз аҳволи саломатиаш шикоят мекунад. Ҳатто «уф-уф» гӯён миёну сари шонаҳояшро даст-даст карда, инчунин, аз дарди меъда менолад.

– Парво накунед, раис, – мегӯяд ба ӯ муовинаш Муртазо Нуруллоев, – рафта баҳузур дам гиред, мо ҳастем-ку!..

## ҲАЙРАТИ МӮЙСАФЕД

Мӯйсафеде мӯи сари сафеду мӯйлаби сиёҳ доштани журналист Ҷумъаи Мирзоро мушоҳида карда, аз ӯ пурсид:

– Бачам, ай ғамхӯрира ҳамин хел шудӣ?

– Не бобо, ай камхӯрира, – ҷавоб дод Ҷумъа.

## БИЗНЕС ДАР БОЗОР

Дар бинои Нашриёти «Шарқи озод», ки идораи аксар рӯзномаю маҷаллаҳои кишвар он ҷо воқеъ гардидааст, марде аз журналист Муҳиддин Идизода дар кадом қабат ҷойгир будани рӯзномаи «Бизнес и политика»-ро мепурсад. Муҳиддин ҷавоб медиҳад:

– Бизнес дар бозор аст. Ҳамон ҷо, ки рафтед, политикаро ҳам пурсед, дар куҷо буданашро мефаҳмонанд.

## БОРИ ДИГАР ДАРОЕД

Ба сехи компютерии рӯзномаи «Ҷумҳурият» даромадаму хостам ба ҳамкорам Фурӯғзод гаперо гӯям, вале наздаш расидан замон фаромӯш кардам.

– Аз нав баромада, боз як бори дигар дароед, – гуфт тарроҳ Фирӯз Неъмонов, – мумкин ба ёдатон ояд.

## САДСОЛА ШАВЕДУ...

Як дӯстам маро ба ҷашни зодрӯзи падараш даъват кард. Тӯҳфаи муносибе харида, ҷои баргузории маърака ҳозир шудам. Ва, ҳамин ки меҳмонон гирди дастархони пурнозу неъмат ҷамъ омаданд, сухани аввалини табрикиро ба ман доданд. Дар ҳавои кафкӯбиҳои пурмавҷу бардавоми ҳозирин аз ҷой хеста, соҳибҷашнро табрику таҳният гуфта, суханрониамро бо байти зерини шодравон Сомеъ Одиназода ҳусни хотима бахшидам:

*Хуршедсифат басо ҷаҳонгир шавед,*
*Садсола шаведу баъд аз он пир шавед.*

Соҳибҷашн аз ҷо хеста, теғдор ба сӯям нигариста, гуфт:

– Мебахшед бародар, ман аллакай 105-сола шудаам...

## ГӮШТИНГИР

Соли 1975 дар ноҳияи Ҳамадонӣ мусобиқаи калони гӯштин барпо мегардад ва дар он ҷаҳонпаҳлавон Саидмӯъмин Раҳимов низ иштирок менамояд. Ӯ, ки ҳамон сол соҳиби унвони Қаҳрамони ҷаҳон гардида буду шӯҳраи офоқ, эҳтироман ба номаш говеро солим мегузоранд. Вале касе ба доваш намебарояд. Ниҳоят, аз байни издиҳоми мар-

дум ҷавони лоғарандому хурдҷуссае хеста ба назди муллое, ки канори майдон менишаст, рафта хоҳиш мекунад:

– Бобо, дуо диҳед, бо Саидмӯъмин Раҳимов гӯштин мегирам.

– Дуо чӣ, ки «Қуръон»-а дар пуштут бандум, мезанат, – мегӯяд мулло.

## ТУ БУЗАКИ ҶИНГИЛАПОӢ?

Журналист Рухсораи Нур писарчаашро ба боғча мебурд. Дар роҳ Зоирҷон ба модар гуфт:

– Биёед, имрӯз ман ба ҷои Шумо кор мераваму шумо ба ҷои ман боғча.

– Охир ман ба кор рафта, маош мегираму барои ту обу ширу нон меорам, – фаҳмонд модар.

– Чӣ, ту бузаки ҷингилапоӣ? – ҳайрон шуд писарча.

## Ӯ 32 ДАНДОН ДОРАД

Рӯзе ҳамкорон аз журналист Н. пурсиданд, ки чаро аҳли оилаат дар деҳоту худат дар шаҳр танҳо зиндагӣ мекунӣ? Намешавад, ки занатро ақаллан ба шаҳр биорӣ?

Ӯ дар ҷавоб мегӯяд:

– Қорӣ-ишкамба дар хонааш арраро роҳ намедод, ки дандон дораду чизеро мехӯрад. Агар ман ҳамсарамро биёрам, медонед, ки ӯ 32 дандон дорад?!

## АЗОБИ ДУ ДАРД

Шоир Хайрандеш боре ба ноҳияи дурдасте сафар карда, шефтаи Адолат ном духтари зебое мегардад, ки ӯро Адол низ мегуфтаанд. Ниҳоят, баъди ҳамгап шудан шабе ӯро ба вохӯрӣ таклиф мекунад. Шоир то як поси шаб интизорӣ мекашад, вале духтар ба ҷои ваъдагӣ намеояд. Ба болои ин ҳама хаёлан роҳравон ба наҳри обгузаре афтода, пояш лат мехӯрад. Ҳангоме ки субҳ захми ӯро малҳам мебастанд, дубайтии зерро ба забон меорад:

*Аз дасти ту шаб Адолати рашки парӣ,*
*Ман низ парӣ шудам, паридам ба ҷарӣ.*
*Коре, ки Адол кард, Адолф накард,*
*Ду дард маро азоб дод то саҳарӣ.*

## БО ОСМОН ГАП МЕЗАНЕД

Ба дафтари кориам хонуме занг заду бе ягон хайру маъзур пурсид:

– Ситора нестанд?

– Навакак ҳамин ҷо буданду бо Моҳитобон ба кучҷое рафтанд, баъдтар занг занед, мешаванд, – ҷиддӣ ҷавоб додам ман.

– Узр, бо кӣ гап мезанам?

– Бо бародараш Осмон.

## АНДОЗ ШАКАР...

Шоири хатлонӣ Озар ба шоири хуҷандӣ Озарахш қаҳва дароз кард. Озарахш қаҳваи талхро нӯшида, бадоҳатан гуфт:

– *Ин қаҳва чаро шакар надорад?*

Озар лаълии пур аз шакарро аз назди худ пеши Озарахш гузошта, бадоҳатан афзуд:

– *Андоз шакар, агар надорад.*

## ОЗАР ВА ҶАВҲАР

Шоира Ҷавҳари Панҷӣ ҷавобан ба эродҳои шоир Озар нисбат ба шеъри нав хондааш итобомез гуфт:

– *Илоҳо дар ҷаҳон Озар набошад!*

Озар, ки барои ифшои рози дилаш мавриd меҷуст, бадоҳатан посух дод:

– *Агар дар қисматаш Ҷавҳар набошад!*

## ҶОНИ ОДАМ

Аз нависанда Сайҷаъфари Баёзӣ пурсиданд, ки Хайрандеш чӣ хел инсон аст.

– Ҷони одам, – ҷавоб дод вай.

– Аз куҷо донистӣ?

– Дирӯз барои ман маска харид.

## АЗ ИНТИЗОРӢ МЕМУРАД

Мухбири суратгири АМИТ «Ховар» дар водии Рашт Мирзосафар Ризвонов ба идораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» су-

рати манзаравии бонуи зебоеро меорад ва хоҳиш мекунад, ки ҳарчи зудтар чоп шавад.

– Ин ба шумораи наврӯзӣ хос аст. Ҳамон вақт агар имкон даст диҳад, чоп мекунем, – мегӯяд котиби масъул Ашӯри Одина.

– То он вақт ин одам мемурад.

– Ӯ бемори бистарист, ки...

– Не, аз интизорӣ мемурад...

## КОМЕДИЯ ВА ТРАГЕДИЯ

Зимни баргузории комиссияи аттестатсионии ТВТ ҷавонроҳбаре аз коргардони пуртаҷриба Мирзо Тоҳиров суол мекунад:

– Комедия ва трагедия чист?

– Дар ҳамин курсӣ нишастани шумо комедия ва суоли додаатон трагедия аст, – посух медиҳад коргардон.

## ПОРА

Мансабдоре аз Абдулқодири Раҳим мепурсад:

– Шумо, журналистон, пора мехӯред?

– Ҳа, – посух медиҳад Абдулқодир. – Мо журналистон фақат пора мехӯрем, бутунашро шумо мехӯред.

## СОХТМОН АЗ ҲИСОБИ ХАЙРАНДЕШ

Давлат Нозилови тоҷир дӯсташ шоир Хайрандешро ҳар гоҳе ки медид, ҳатман ба ӯ 40-50 сомонӣ медод. Вале чунин шуд, ки ӯ боре шоирро вохӯрда, ягон пули пучаке ҳам хайр накард. Хайрандеш аз ин каме озурда гашт. Тоҷир инро мушоҳида карда гуфт:

– Хайрандеш, чӣ зиқ мешавӣ? Ман ҳоло сохтмон дорам, бунёди меҳмонхонаи панҷситорадор. Ҳамин ки тамом шуд, боз мисли пешин ҳар қадаре ки хоҳӣ, пулат медиҳам.

Шоир дар ҷавоб мегӯяд:

– Чӣ, ту сохтмонатро аз ҳисоби ман месозӣ?!...

## ДУХТАРОН ЭШОНБОЗӢ МЕКУНАНД

Нависанда Насри Бобо шеърнавис шуду ба наздаш гулрухон тез-тез меомаданд. Кор то ба ҷое расид, ки ҳамсари ҳаётиаш низ бехабар намонд. Рӯзе ба назди ӯ, ки эшонзода аст, ду нафар додарарӯсаш омада, бо зарда мепурсанд:

– Синнат ба ҷое расидаасту боз духтарбозӣ мекунӣ?!

– Не, – мегӯяд Наср, – духтарҳо эшонбозӣ мекунанд.

## ҲАМИН ҲАМ ЗИНДАГӢ ШУДУ...

Сармуҳаррири ҳафтаномаи «Чархи гардун» Акбари Саттор рӯзе ҳамсабақи худ Сайёфи Мизробро дида, мегӯяд:

– Ҳоло ҳам зиндаӣ?

– Агар ҳамин ҳам зиндагӣ бошад, ҳова! – ҷавоб медиҳад Сайёф.

## ШАБГАРДИИ БАРАНДАҲО

Боре журналист Сӯҳробшоҳи Фаррухшоҳ поси шаб аз кор баромада, ба таксӣ менишинад.

– Бародар, чӣ кор мекунӣ, ки ин қадар бевақт ба хона меравӣ? – мепурсад аз ӯ ронанда.

– Дар Телевизиони Кӯлоб барандаам, – посух медиҳад Сӯҳробшоҳ.

– Дар ҳақиқат, ҳамин ғоти шабҳо фақат дарандаю барандаҳо мегарданд.

## ВАЗИФАТАЛАБ НЕСТАМУ...

Ҳафтодсолагии рӯзномаи «Хатлон». Раиси вилояти Хатлон Амиршоҳ Миралиев ба толори ҷашнӣ ворид гардиду ҳама аз ҷой хестанд. Меҳмонони раҳдур, ки аз кӯфти роҳ монда шуда буданд, зуд нишастанду аҳли ҷамоатчигии вилоят то дер гоҳ рост истоданд. Котиби масъули шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоир Хайрандеш, ки он ҷо ҳузур дошт, гуфт:

– Касе, ки вазифаталабай, тамоман нашина.

– Худат аз кай боз ба ин беморӣ гирифтор шудаӣ, ки рост истодаӣ? – садо баланд кард касе.

– Ман вазифаталаб нею, вазифама аз даст доданӣ нестум, – ҷавоб дод Хайрандеш.

## НА ТАНҲО ДАР РАМАЗОН РӮЗАДОРЕМ

Соли 2003 Рӯзи театри тоҷик – 7 ноябр ба моҳи шарифи Рамазон рост омаду ҳунармандони кишвар дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ҷамъ омаданд. Вале зиёфат наоростанд. Аз ин рамуз гирифта, барандаи намоиш Ортиқи Қодир гуфт:

– Маълум мешавад, ки ҳама ҳунарпешагон низ рӯзадоранд.

– Мо на танҳо дар Рамазон рӯза медорем,.. – афзуд ҳунарманд Шодӣ Солеҳов.

## МАБЛАҒ БАРОИ ТУФЛИҲО

Дар хонаи журналист Барноз Гадоализода намояндаи «Тоҷикгаз» попӯшиҳои зиёдеро дар роҳрав дида, мегӯяд:

– Ин қадар пойафзолу танҳо барои ду кас пул месупоред?

– Чӣ, шумо аз ҳисоби шумораи туфлиҳо пул ҷамъ мекунед, – пас наомада, посух медиҳад Барноз.

## «ВОЕННИЙ ОБЕЗЯНА»

Бо шоира Назрбӣ Азизова аз сафари ноҳияи Фархор бармегаштем. Дар роҳ чанд тан ҳарбиён мошинро манъ карда, «облава карданд». Ҷавони навхатеро «рабуданд». Илоҷе карда, ӯро халос кардему аз нав ба роҳ мебаромадем, ки зане ба ҷавон гуфт:

– Додари ҷон, билети ҳарбӣ, ки гирифта наметавонӣ, бист сомонӣ ҳам намеёбӣ, ки дар шиносномаат мӯҳри «военний обезяна» бзанӣ?!

## НӮШБОД

Шоир Ширин Шайдоӣ ҳамроҳи даҳ бародар дар хонаи падарӣ ҷамъ омада, аз ҳолу аҳволи якдигар пурсон мешаванд. Ҳамин ки гирди дастархони пурнозу неъмат менишинанд, эхтироман гуфтани нӯшбоди аввалинро аз шоир хоҳиш мекунанд. Ширин мегӯяд:

– Менӯшем барои модарамон, ки дар оилаи мо ягона касест, ки суд нашудааст.

## СУРАТ ДОРАД

Солҳои дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» кор кардан журналист Камоли Қурбониён нигоштаи хабарнигори ҷамоатиеро омодаи чоп карда, ба муҳаррири шӯъба пешниҳод мекунад. Мудир Ҷумъаи Мирзо қабл аз хондан мебинад, ки дар саҳифаи аввал чашмрас навишта шудааст: Сурат дорад! Поёни он менависад: Сират чӣ? Ва имзо мегузорад.

## РӮЗИ ВАЗНИН

– Пагоҳ рӯзи вазнини корӣ, биёед имрӯз барои ба зодрӯзи сардор тӯҳфа харидан маблағ ҷамъ намоем, – пешниҳод мекунад журналист Асадуллои Раҳмон ба ҷамъе аз ҳамкорон.

– Чандӣ? – мепурсад Муҳаммад Ғоиб.

– Аз ҳар кас 50 сомонӣ.

– Имрӯз ҳам рӯзи вазнин будааст – ку?!

## ТАСАЛЛО

Шоир Ғафур Мулло банди қироати зерилабии шеъргунае ба автобус савор шуд, вале duzдон киссаашро такиданду хабар наёфт. Вақте аз ҳодиса огаҳ гашт, ки даст ба ҷайби қафои шимаш мебурду рӯзнома хариданӣ буд.

– Акнун, беибо дар Душанбе гаштан мегирам, – худро таскин дод ӯ.

## «ХУДКУШӢ»-И НАҚИБ САИД

Дар арафаи ҷашни 50-солагии РСС Тоҷикистон журналисти радио Нақиб Саидро аз узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон хориҷ мекунанд. Ӯ бо алам ба Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон меояд ва дилашро холӣ карда мегӯяд:

– Ман худамро мекушам...

Нависанда Шодӣ Саид, ки муовини мудири шӯъбаи таблиғотӣ буд, илтиҷо мекунад:

– Нақибҷон, ист, ҳамин ҷашнҳо гузаранд, баъд майлаш...

## «БЕМОРБИНӢ»-И РАҶАБ МАРДОН

Журналистон Раҷаб Мардон ва Додоҷони Мунаввар дасти холӣ ба аёдати шоир Шоҳмузаффар Ёдгорӣ меравaнд, ки дар беморхонаи Қарияи Боло табобат мегирифт. Хӯрданиҳои зиёдеро, ки рӯи мизи утоқи бемор буд, якҷоя мехӯранду сӯҳбати гарме мероянд.

Ҳангоми хайрухуш Раҷаб Мардон аз бемор мепурсад:

– Боз кай хабаргирӣ оем?

– Кай вақте гушна мондед, – мегӯяд Ёдгорӣ.

## ХАЙРАНДЕШ: ЭТО НЕ МАРШРУТКА!

Солҳои донишҷӯӣ як бегоҳ шоир Хайрандеш бо дӯстдораш ба сайругашти шаҳр мебароянд. Ва ҳини бозгашт дар торикӣ таксиро «маршрутка» гумон карда, манъ мекунанд. Хайрандеш, ки дар киса ҳамагӣ чил тин дошт, бо овози ларзон аз ронандаи рус мепурсад:

– Извините, это не маршрутка?

– У вас что-то нехватает? – даст ба чаккаи сар бурда, мепурсад ронанда.

– Денги нехватает, – посух медиҳад Хайрандеш.

## ЗИЁФАТ БОШАД, ШУД

Шоир Абдулқодири Раҳим ба зиёфате мерафт. Нависанда Садриддини Ҳасанзодаро, ки ҳеҷ аз ӯ ҷудо намешуд, бо дили нохоҳам ба он зиёфат таклиф мекунад.

– Рафтем, – зуд розӣ мешавад Садриддин.

– Вале, роҳаш дур... – забон мехояд Абдулқодир.

– Гап нест, зиёфат бошад, шуд!

## «НЕ УВЕРЕН, НЕ ОБГОНЯЙ»

Журналист Раҷаби Мирзо, ки дар маркази шаҳри Душанбе қадамзанон мерафт, як ҳин дид русдухтари мавзунқомате шитобон дар паҳлӯяш меравад. Ӯ дарҳол гашташро тезтар кард. Духтар аз нав қафо монд. Раҷаби Мирзо пас гашту гуфт:

– Не уверен, не обгоняй!

## ВОКЗАЛ ДАР ПЕШИ ХОНАИ МАН

Солҳои донишҷӯӣ Хайрандеш рӯзе ба дарс мешитофт, ки ду нафар дар роҳ аз ӯ пурсиданд:

– Мебахшед, додар, ҳамин истгоҳи Роҳи оҳан дар куҷост?

– Дар пеши хонаи ман! – мегӯяд Хайрандеш.

– Охир, хонаи ту дар куҷост?

– Дар пеши истгоҳи Роҳи оҳан.

## МЕШӮЕМ

Ману Раҷаби Мирзо дар тани ҳамкорамон Барот Юсуфӣ куртаи зебою шинамеро дида, якбора ба ӯ дарафтодем:

– Мешӯем, мешӯем.

– Чиро?

– Куртаи наватро.

– Охир, инро се сол боз мепӯшам.

– Сесолагиашро мешӯем!

## КАДОМ ДАРЁ БА ҚАФО МЕГАРДАД

Рӯзе шоир Хайрандеш бо хонуме пиёда мерафтанд, ки ҷавоне пас гашта ба онҳо нигарист.

– Пешатро нигоҳ кунӣ намешавад? – гуфт шоир каме нороҳат шуда.

– Чашм дарёст...

– Кадом дарё ба қафо мегардад?!

## ТАРБУЗИ ХОМИ НУРАЛӢ

Журналист Хуршеди Атовулло нотоб шуду ҳамкорон аз рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" ба аёдати ӯ рафтанд. Дар роҳ Ҷумъахон Сайдалиев аз бозор тарбузи калонеро арзон карда, ба 1 сомониву 20 дирам мехараду бо ҳамин қазияи дасти холӣ нарафтан ҳал мегардад. Вале сардабири рӯзнома Раҳим Сайдалиев тарбузро даст-даст карда мегӯяд:

– Охир, ин хом аст-ку?!

– Фарқаш чӣ, мо намехӯрем, Хуршед мехӯрад, – мегӯяд Нуралӣ Давлат.

## ИНДИКАТОРИ САЪДУЛЛОЕВ

Профессор Асадулло Саъдуллоев рӯзе аз хонааш (воқеъ дар маҳаллаи ҳафтум километр) ба бозори «Саховат» барои харидани индикатор меравад. Пеши фурӯшандае шаштоашро бодиққат аз назар мегузаронад, вале ҳафтумашро мехарад. Ба хона омада месанҷад, ки кор намекунад. Дурусттар бинад, лампочкааш нест. Аҷибаш ин, ки шаштое, ки дида буд, лампочка доштанд.

Сипас, писарашро барои шаробу газак овардан равон мекунаду завҷаашро даъват карда мегӯяд:

– Зуд як оши палав паз!

– Тинҷӣ? – мепурсад ҳамсараш ҳайрон шуда.

– Индикатори маро мешӯем, – мегӯяд профессор.

## ШИМФУРӮШИИ САНГИНИ ГУЛЗОД

Журналист Саъдулло Ҳайдарӣ аз ҳамкораш Сангини Гулзод шим мехарад. Профессор Асадулло Саъдуллоев дида, мегӯяд:

– Аз ҳамин намуд Сангин ҳам надошт?

– Дуто доштаасту якеро ба ман фурӯхт.

Вале баъди он, ки Саъдулло мефаҳмад, ки шими кӯҳнаи шуста дарзмолшударо харидорӣ кардааст, маоши Сангинро махфӣ аз хазина гирифта, ҳама устодон ва худи Сангинро ба ошхона даъват мекунад. Зиёфат мехӯранду 50 дирам боқӣ мемонад. Онро ба Сангин дода мегӯяд:

– Ана гир, боқимондаи маошатро...

## АПАИ АМИТ «ХОВАР» НЕСТЕД?

Рӯзе телефони идораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» занг мезанаду гӯшакро яке аз коргарзанҳо мебардорад.

– Раҷаби Мирзо даркор, – мепурсанд аз он тараф.

– Нест, – ҷавоб медиҳанд аз ин тараф.

– Мебахшед, Шумо кистед?

– Барои маро шинохтан рӯзномаи «Ҷумҳурият»-ро бештар хондан даркор.

– Бубахшед, шумо апаи АМИТ «Ховар» нестед?!

## САҲИФАИ БЕТАҲРИР

Дар саҳифаҳои 12-и ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» хатоҳои зиёде чоп мешаванд. Нурмуҳаммад Исҳоқӣ, ки шореҳ буд, дар «летучка» масъули саҳифа Робияи Холмирзоро сахт ба зери тозиёнаи танқид мегирад ва ҳатто ба сармуҳаррир таклиф пешниҳод мекунад, ки ба ӯ огоҳӣ эълон намояд, то ин «иқдом» дубора такрор нагардад.

Котиби масъул Ибодуллоҳи Шариф, ки рафти маҷлисро қайд мекард, сар бардошта, ба сӯи Исҳоқӣ нигариста мегӯяд:

– Эродҳоятон дуруст, вале як бор надидед, ки дар болои саҳифа навишта шудааст: «Саҳифаи бетаҳрир».

## ДУШАНБЕ ТИНҶ АСТ-ДИЯ

Қутбӣ Киром бо ҳаҷвнигор Мирзо Маҳмуд дар ноҳияи Айнӣ аз назди шӯъбаи алоқа мегузаштанд. Қутбӣ ногаҳон гуфт:

– Мирзо, мошинро дор!

– Барои чӣ? – ҳайрон шуда мепурсад Мирзо.

– Як занг занам, ки Душанбе тинҷ аст?!

– О, устод, Шумо, ки инҷоед, Душанбе тинҷ аст-дия!

## ПИСАРИ ДУЮМАМРО ҲАМ БАРЕД

Нисбат ба рафтори ноҷои писари шоир Ширин парвандаи ҷиноӣ мекушоянд. Ба хонаи шоир сафедкунанда омада мегӯяд:

– Ду ҳазор сомонӣ диҳед, писаратонро илоҷе карда, озод мекунам.

– Ду ҳазор сомонӣ дошта бошед, ба ман диҳед ва писари дуюмамро ҳам гирифта баред! – дар ҷавоб мегӯяд шоир.

## ГУФТУГӮИ ТЕЛЕФОНӢ

Хонуме ба идораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» занг мезанад. Гӯшакро журналисти ҷавон Ширин бардошта, бо овози духтарона мегӯяд:

– Ба Шумо кӣ даркор, бонуи азиз?

– Мебахшед, апаҷон, акои Ширинро мумкин?!

## ҲАМ ДАР ПАЙИ ШӮҲРАТАМУ...

Шоир Хайрандеш шеърҳои бисёр навқаламонро таҳрир карда, ҳатто аз нав навиштааст. Рӯзе дар хона бе нон монду пеши худ мақсад гузошт, ки минбаъд барои ҳар мисраи ислоҳкардааш 50 дирамӣ меситонад. «Бас аст ройгон кор кардан. Охир, давраи бозаргонӣ-ку!» – аламашро тоза мекунад ӯ.

Тифоқо дар ҳамин ҳолат шоираи ҷавон Шабафрӯз панҷ ғазал меорад. Хайрандеш баъди хондани онҳо панҷ сомонӣ талаб мекунад.

Шабафрӯз мегӯяд:

– Ин чӣ хел мешавад, ки Шумо дар як шеъратон гуфтаед:

*Зардолуи моҳи марта зардуш моем,*
*Шоирои кӯлобира мардуш моем.*
*Не дар пайи шӯҳратему не дар пайи пул,*
*Безор зи рангу рӯи ҳардуш моем.*

Хайрандеш дар ҷавоб:

– Ин эҷоди давраи шӯравист. Ҳозир айёми иқтисоди бозорӣ. Ва ин шеър ҳоло чунин таҳрир ёфтааст:

*Зардолуи моҳи марта зардуш на манам,*
*Шоирои кӯлобира мардуш на манам,*
*Ҳам дар пайи шӯҳратам ва ҳам дар пайи пул,*
*Безор зи рангу рӯи ҳардуш на манам.*

## ЛУТФИ ШИРИН

Ронандаи автобус ба салон баромада, сӯи мусофирон ҷор зада гуфт:

– Худро ба нодонӣ назада, роҳкироро тайёр кунед. Фаҳмида гиред, ки ғайр аз Худо аз ҳама пул мегирам. Ба ман фарқаш нест, ки ту аз милисаӣ ё аз балниса...

Шоир Ширин дар курсии охирин менишаст. Вақте ронанда назди ӯ расида, роҳкиро талаб кард, худро аз рӯзномахонӣ канор гирифта, гуфт:

– Ҳамон Худое, ки гуфтӣ, манам!

## АРАҚНӮШӢ ОСОНАЙ?

Писари журналист Ширин ба хона маст омад. Чунон масте, ки дар пояш истода наметавонист. Падар, ки дар ин ҷода таҷрибадор буд, ӯро дида гуфт:

– Чӣ, хаёл мекардӣ, ки арақхӯрӣ осонай?

## ХОБИ ХУШ

Шабе соати се журналист Барот Юсуфӣ ба ҳамкораш Маҳмадсодиқ Шехов занг мезанад.

– Алло!

– Лаббай.

– Хобӣ?

– Бале.

– Хайр, хоби хуш!

## АГАР НАГУРЕЗЕД...

Хайрандеш як нисфирӯзӣ ба идораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» меҳмон шуд. Ин дар ҳоле буд, ки ману ҳамкоронам Барот Юсуфӣ ва Раҷаби Мирзо тараддуди ба хӯрокхӯрӣ рафтан доштем. Ва ӯро низ таклиф кардем. Розӣ шуд. Дар роҳ бо драманавис Ҷумъа Қуддус вохӯрдем. Мо салом дода гузаштему Хайрандеш дурудароз сӯҳбат кард.

– Мо оҳиста-оҳиста рафтан мегирему Шумо аз қафо тезтар расида биёед, – гуфтем ба шоир.

– Майлаш, агар нагурезед, ҳатман Шуморо дарёб мекунам, – ҷавоб дод Хайрандеш.

## МИСАЙЗОД БО ГАП СЕР МЕКУНАД

Духтури рӯҳшинос Абдулло Ташрифзода дар зодрӯзи журналист Шарифи Мисайзод ба ҷои кораш – радиои «Садои Душанбе» занг зада мепурсад:

– Дӯстам, дар зодрӯзат чӣ намерасад?

– Ҳама чиз.

– Пас меҳмононро бо чӣ сер мекунӣ?

– Бо гап.

## ОШХОНАҲОЯТОН ДАР КУҶО?

Як гурӯҳ адибон ба ноҳияи Мӯъминобод сафар мекунанд. Бароталӣ Абдураҳмон, ки зодаи ин диёр аст, меҳмононро роҳбалад мешавад. Ҳангоме ки аз назди ҳар як иншооти ҷамъиятӣ мегузаранд, Бароталӣ мегӯяд:

– Ин ҷо Истгоҳи мусофирони ноҳия.

– Ин ҷо бинои Ҳукумати ноҳия.

– Ин ҷо идораи рӯзномаи ноҳия.

– Ин ҷо...

Ваҳҳоби Одина, ки гушна монда буд, мегӯяд:

– Ошхонаҳоятон дар куҷо, ошхонаҳоятон!?

## ГУЛ БЕ ХОР НАМЕШАВАД

– Ҳар куҷое будам, бо ман одамони хуб кор мекарданд, – гуфт рӯзе ҳамкорам Саидзода.

– «Гул бе хор намешавад», – гуфтагӣ барин дар ҳама ҷо ҳатман як одами бад ҷо мегирифтааст, – хулоса кард шоир Ширин Шайдо.

## НЕКРОЛОГ

Дар рӯзномаи «Мубориз» некролог (таъзия)-и як тан аз аъзои Кумитаи ҳизби ноҳияи Восеъ бе сурат чоп мешавад. Бо ин сабаб маҷлиси ғайринавбатӣ даъват карда, сармуҳаррир Карим Давлатро муҳокима мекунанд.

Ба идораи рӯзнома омада, Карим Давлат маҷлис мегузаронад. Ба суратгир супориш медиҳад, ки дар кӯтоҳтарин фурсат 58 нафар аъзои райкомро акс бардорад.

Вақте аз аксбардор мепурсанд, ки барои чӣ сурат мегиред, ҷавоб медиҳад: барои некролог!

Бархе ба Карим Давлат занг зада, чунин изҳори миннатдорӣ мекунанд: «хайрият, мо ҳам ба ёдатон мезадаем».

Бархеи дигар аз сармуҳаррир мепурсанд: «Гӯед, ки дар кадом шумора чоп мекунед, боз бехабар намонем».

## МЕТАВОНЕД ГӮШИ МАРО БУРЕД

Рӯзноманигор Мирзо Рустамзода дар бозори «Саховат» аз фурӯшандае нархи як кило себро мепурсад.

– 80 дирам, – мегӯяд савдогар.

– Каме арзон намекунед?

– Неъ, гиред, гиред, нагиред, ғам надиҳед, ки гӯшатонро мебурам.

Мирзо чизе нагуфта меравад ва лаҳзае пас ҳамроҳи нозири тартибот назди фурӯшанда меоянд.

– Ако шумо чӣ хел? – пешдастӣ мекунад савдогар.

– Бад не, раҳмат... – мегӯяд Мирзо.

– Ана, акнун шумо метавонед, гӯши маро буред.

## БА ПАДАРАШ РАФТААСТ

Ширини журналист чанд ҳафта ба хона маст меояд. Аз ин ба дод омада, ҳамсараш ба қароре меояд, ки ба хонаи хусураш шоир Шайдоӣ барои шикоят кардан равад. Аммо вақте ба остонаи хонаи ӯ наздик меояд, мебинад, ки хусурашро ҳам ду нафар аз ғояти мастӣ кашолакунон оварда истодаанд.

– Ё тавба, мардак дуруст мегуфтааст, ки ба падараш рафтааст.

## ДАР БОҒИ ҲАЙВОНОТ

Сайёфи Мизроб дар Боғи ҳайвоноти шаҳри Прага ҳамкораш Меҳрдодро, ки дар қароргоҳи марказии родиёи «Озодӣ» кор мекунад, дида мехоҳад, ки ӯро барои хотира аксбардорӣ намояд.

– Ман розӣ, вале кӯшиш кун, ки дар пасманзараи сурат боз ягон ҳайвон натобад, – хоҳиш мекунад Меҳрдод, ҳангоме ки Сайёф ба аксбардорӣ омодагӣ мегирифт.

– Аллакай якто ҳаст, – бо шӯхӣ мегӯяд Сайёф.

## ҶИНСИ МАН СИЁҲ

Коргари шӯъбаи молҳои сермасрифи Нашриёти «Шарқи Озод» Аҳадро барои гирифтани мукофот пешниҳод менамоянд.

Ӯ дар ҷавоби суоли чоруми варақаи мукофотонӣ-ҷинс, навишт: сиёҳ.

Сардори сех Мухтори Мурод дар ҳайрат афтод:

– Аҳадҷон, магар ҷинс сиёҳ мешавад?

– Ана, бинед... – гӯён шими ҷинси сиёҳашро нишон медиҳад Аҳад.

## АСКАР ҲАКИМИ ҚАРЗДОР

Ҳуқуқшинос Ҷунайдулло Ибод ба як гурӯҳ дӯстон мегӯяд, ки ҳар куҷо маро ҳамроҳи бузургмардон дидед, наздам давида оеду «устод»-гӯён салому алейк кунед, як сомонӣ медиҳам. Ин корро бисёриҳо карда, соҳиби маблағ мешаванд.

Рӯзе Ҷунайдулло Ибод бо нависанда Абдураҳмони Абдуманнон дар роҳ мерафтанд, ки аз пешашон шоир Аскар Ҳаким мебарояд ва «устод» гӯён бо ӯ гарм вохӯрӣ мекунад. Ҷунайдулло ҳарчанд киссаҳояшро тагурӯ мекунад, пули яксомона намеёбад. Ноилоҷ панҷсомониеро ба кисаи Аскар андохта, таъкидан мегӯяд:

– Акнун шумо қарздоред, ки 4 бори дигар маро «устод» гӯед.

## ҶУНАЙД ЧӢ ТАВР УСТОД ШУД?

Адибон Лоиқ Шералӣ, Абдулҳамиди Самад, Абдураҳмони Абдуманнон ва ҳуқуқшинос Ҷунайдуллои Ибод ба тарабхонаи «Зарафшон» баҳри хӯрокхӯрӣ меравад. Лоиқ баъди ду-се қадаҳ шароб бардоштан аз хӯрокхӯрӣ даст мекашад. Абдулҳамиду Абдураҳмон аз ӯ чанд бор хоҳиш мекунанд:

– Устод, гиред, ҳеҷ чиз нахӯрдед-ку?!

Сипас Ҷунайдулло мепурсад:

– Пули ҳамин зиёфатро кӣ медиҳад?

– Шумо-дия, боз кӣ мешуд, – посух медиҳад Абдуманнонов.

– Набошад, ба ман ҳам як бор «устод» гуфта муроҷиат кунед, замин ба осмон намечаспидагист.

## МАРД НЕСТЕМ...

Дар яке аз ҷаласаҳои ҳисоботии Агентии давлатии «Тоҷикстандарт» намояндагони васоити ахбори оммаро низ даъват мекунанд. Аз рӯзномаи «Ҷумҳурият» муовини аввали сармуҳаррир Карим Давлат иштирок менамояд.

Дар фуроварди маҷлис занҳои иштирокчиро тӯҳфаҳои гароннарх тақдим менамоянд. Карим Давлат аз нафаре мепурсад:

– Барои чӣ мардҳоро намедиҳанд?

– Пагоҳ 8-уми март – Иди занон аст, ба ин хотир...

– Мо ҳам он қадар марде нестем...

## АВВАЛ ОҒИЛ, БАЪД ХОНА

Шоир Хайрандеш дар шаҳри Кӯлоб замин гирифта, хона сохтанӣ мешавад. Барои ин аз журналист Сӯҳробшоҳи Фаррухшоҳ хоҳиш ба амал меорад, ки пойдевори онро бардорад.

Сӯҳробшоҳ бо чанде аз ҳамроҳон ду деворро баланд мебардоранд, вале аз ноӯҳдабароӣ каҷ мешаванд. Рӯзе муҳандиси қитъаи хонасозӣ омада, хонаҳои Хайрандешро низ аз назар мегузаронад. Ва ба Сӯҳробшоҳ, ки он ҷо буд, мегӯяд:

– Ҳамин шоирон хуб дурандешанд, аввал оғил месозанду баъд хона.

## ТУ БОЯД ҲАТМАН МЕМУРДӢ

Нависанда Садриддин Ҳасанзодаро бо супориши «боло» аз вазифаи директори мактаби миёна озод карданӣ шуда, маҷлис мегиронд.

Зимни муҳокимаронӣ муаллиме ба сухан баромада мегӯяд:

– Илтимос мекунам, ки мо-муаллимонро азоб надиҳед, роҳбарамон шахси дилсӯз, ҳалиму хоксор, доно ва кордону ӯҳдабароянд. Намехоҳем он кас аз кор раванд...

Дар ин ҳол баромадкунанда ба касал гирифтор шуда, пуштнокӣ ба рӯи фарш меафтад. Ҳамагон дасту по хӯрда, бахри ба ҳуш овардани ӯ андармон мешаванду бо ҳамин маҷлис нотамом мемонад.

Рӯзи дигар ҳамон муаллим пагоҳи барвақт ба мактаб ҳозир шуда, назди директор медарояду беибо суол мекунад:

– Ана, акнун худатон гӯед, ки дирӯз чӣ хел нақш бозидам?

– Ба ман маъқул нашуд, – ҷавоб медиҳад Ҳасанзода. – Ту бояд ҳатман мемурдӣ!..

## БА ЗИЁФАТ БУРДАНӢ БОШӢ...

Ширин ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» мақола овард. Як рӯзи баъди чопаш ба идораи рӯзнома занг зада пурсид:

– Кай омада, ҳаққи қалам гирам?

– Кадом рӯзе, ки моро ба зиёфат бурданӣ бошӣ, – гуфт Раҷаби Мирзо.

## НАКАЗ

Дар мавзеи Саричашмаи ноҳияи Шӯрообод вохӯрӣ бо номзад ба вакили мардумӣ Ҷӯрахон Зоир баргузор мегардад. Номзад баъди шинос намудани барномаи пешазинтихоботӣ ба ҳозирон рӯ оварда мегӯяд:

– Агар таклифу дархостҳо бошанд, гӯед...

Баъди хомӯшӣ духтуре аз ҷой хеста гуфт:

– Мо аз бисёриҳо ваъдаҳои бебаркаш гирифта, то ба ҳол ҳалли онҳоро дар шаби хоб ҳам намебинем. Аммо ба Шумо танҳо як наказ дорем: депутат шудед ё не, шоир Хайрандешро, ки шахси боваринокатон аст, нағз нигоҳ кунед.

## НАШРИЯИ РАСМИЮ...

Журналист Ҷумъаи Мирзо рӯзе дар идораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» меҳмон мешавад. Барот Юсуфӣ ба ӯ рӯзномаи тозанашре ҳадя мекунад. Баъди тамошо Ҷумъа ҳайрон мепурсад:

– Чаро нашрияи расмию ягон расм надорад?

## РАҲМАТБОЙ

Аз ҳамкорам Ҳокимахон Раҳматова иҷрои кореро хоҳиш кардам. Дар муддати кӯтоҳ онро ба сомон расонд.

– Ба ӯ чӣ гуфта миннатдорӣ намоям? – гуфта, ба фикр фурӯ рафтам.

Ин дам рӯзноманигор Ориф Ёдгорӣ гуфт:

– Раҳмат гӯед, шуд.

– Охир ман мехоҳам аз раҳмат дида, сухани болотаре гуфта бошам.

– Пас, Раҳматова гӯед!

## ИНТИЗОРӢ АЗ ХӮРОК БОЛАЗЗАТТАР АСТ

Сайёфи Мизробу Сӯҳробшоҳи Фаррухшоҳ ба хонаи як дӯсташон меҳмонӣ меравconfigurationанд. Ниҳоят, рӯи дастархон хӯрок меоранд, кӯдаки хонадор низ гиря карда, талаб мекунад, ки барояш хӯрок муҳайё созанд. Сайёф бошад, сӯи ӯ гашта мегӯяд:

– Ту чӣ медонӣ, ки интизории ин хӯрок аз худи хӯрок болаззаттар аст.

## ҶУМЪА ШАБОНА ОШИҚ МЕШАВАД

Журналистон Барот Юсуфӣ, Ҳотами Ҳомид ва Ҷумъаи Мирзо дар роҳ бо духтаре вомехӯранд, ки бо ҳар се шинос буд. Вақте хонум хайрухушкунон меравад, Ҳотам мегӯяд:

– Дар вақташ ман ба ӯ ғоибона ошиқ будам.

Барот:

– Ман рӯзона.

Ҷумъа як парда садо баланд карда:

– Вале ман шабона ошиқ будам.

## ИН НОМАЪҚУЛИРО НАКУН

Журналист Рустами Ҷонӣ писардор шуд. Падари Рустам ба наберааш Сӯҳроб ном гузошт. Журналист норозиёна гуфт:

– Охир, аз достони «Шоҳнома» медонед, ки Рустам писараш Сӯҳробро куштааст?

Падар оромона посух дод:

– Медонам, аммо ту ин хел номаъқулиро накун.

## ПЕШНИҲОДИ НОММОНӢ

Дар арафаи ҷашни 70-солагии шоири зиндаёд Ашӯр Сафар дар ҷаласае пешниҳод мекунанд, ки ноҳияи Шӯрообод ба номи ӯ гузошта шавад. Таклифро бисёриҳо дастгирӣ мекунанд. Устод Мӯъмин Қаноат мегӯяд:

– Ин ҳеҷ душворӣ надорад, як ҳарфи А-ро илова кунед, Ашӯробод мешавад.

## НИЗОМНОМААШ КУ?!

Ба Гимназияи «Гелоси гулобӣ»-и шоир Хайрандеш тафтиш меоянд. Баъди чанд рӯзи шиносоӣ бо кору фаъолияти даргоҳ аз шоир мепурсанд:

– Низомномааш ку?

– Инро шахсан бо хоҳиши худам таъсис додаам, аз ин рӯ, низомнома надорад, – посух медиҳад Хайрандеш ва сипас онҳоро ба зиёфат таклиф мекунад.

Баробари ба тарабхона ворид гардидан шоир аз сарошпаз ба воситаи пешхизмат хоҳиш мекунад, ки шароби тоза биёрад. Хоҳиш иҷро мешавад, вале Хайрандеш такроран мепурсад:

– Шароб тоза ҳаст?

– Бале, – бо ишораи сар тасдиқ мекунад сарошпаз.

– Ба ростӣ?

– Ҳа, ба ростӣ.

– Низомномааш ку?!

## БИСЁР НАҒЗУ...

Нависанда Меҳмон Бахтӣ бо журналист Абдулфайз Атоев зимни як сафар ба Эрон вориди мағозае мешаванд. Меҳмон шиму пиджакеро тамошо карда мегӯяд:

– Бисёр нағзу, лекин рангаш сурх, сиёҳаш мешуд...

Фурӯшанда дарҳол сиёҳашро низ пайдо карда, пешкаш месозад.

Меҳмон Бахтӣ:

– Бисёр нағзу афсӯс, пул медоштем…

## МОРО БА НАМОЗИ ҲАҚ НИЁЗ АСТ

Рӯзе шоир Хайрандеш бо Эмомалӣ Булбулов (сардори Бозрасии давлатии автомобили минтақаи Кӯлоб) ва Ҳабибулло Зоиров (сардори шӯъбаи нозироти андози вилояти Хатлон) ба мадрасаи маҳаллаи Ломоносови шаҳри Қӯрғонтеппа меоянд.

Сипас мударрис Ҳоҷӣ Муҳаммадшарифу Эмомалӣ Булбулов ба намозхонӣ машғул мешаванду Хайрандеш бо Ҳабибулло баъзе китобҳои диниро варақ мезананд. Вақте намозгузорон ассалому алайкум ва раҳматуллоҳ гуфта, ба канори худ менигаранд, Хайрандеш аз ҷой хеста бадоҳатан мегӯяд:

*Беиффатӣ сахту ҷонгудоз аст,*
*Моро ба намози ҳақ ниёз аст.*
*Беҳуда намоз мегузоред,*
*Дар пушти шумо ду бенамоз аст.*

## ЧАРО «ИСТИҚБОЛ» НАМЕХАРАНД?

Дар яке аз сӯҳбатҳо сардабири маҷаллаи «Истиқбол» Латофат Кенҷаева бо алам хитоб мекунад:

– Аз дусаду панҷоҳ дона «Истиқбол»-е, ки ба факултаи филологияи тоҷики ДМТ супорида будем, панҷякаш ҳам ба фурӯш нарафтааст. Ҳамаи маҷаллаамон баробари нӯҳ-даҳ жвачка нарх дораду халос. Чаро донишҷӯён ҳар рӯз жвачка мехаранду дар муддати як сол ақаллан як «Истиқбол» намегиранд?

– Охир «Истиқбол»-ро хойида намешавад-ку, – посух медиҳад Салими Зарафшонфар, ки ба ҳайси котиби масъул ифои вазифа менамуд.

## ХО БИГӮ, КИ ДИГАР СОФ НАМЕЁМ

Рӯзе шоир Хайрандеш аз бозор ду килоӣ пиёзу картошка харида, дар роҳ як рафиқи тоҷирашро вомехӯрад ва баъди аҳволпурсӣ ӯро ба меҳмонӣ таклиф мекунад. Рафиқаш ба халтаи дасташ нигоҳ карда мегӯяд:

– Ҳоли бой шав, баъд меоям.

– Хо бигӯ, ки дигар соф намеём, – мегӯяд шоир.

## ТАҲРИРИ ШАМОЛ

Ба хабарнигори рӯзномаи «Ҷумҳурият» Садриддин Ҳасанзода супориш мешавад, ки таъҷилан дар ҳаҷми 8 саҳифаи чопӣ барои шумораи навбатӣ мақола нависад. Аммо нигоштаи ӯ баъди ҳуруфчинӣ 10 саҳифа мебарояд. Баъди мутолиа устодон Раҷаб Мардону Ашӯр Ашӯров ба худи муаллиф вогузор мекунанд, ки ду саҳифаашро ихтисор намояд. Садриддин мақоларо рӯи мизи корӣ монда, баҳри ғизои пешин хӯрдан меравад. Баъди бозгашт дафтари кориро кушода мебинад, ки шамол вазида, тамоми вараќу варақчаҳои болои мизро ба ҳар сӯй пош додааст. Вақте саҳифаҳои мақолаи таъҷилиро мешуморад, ду варақи байн нест, вале дар саҳифаи охир рақами 10 нишон дода шудааст. Чун фурсат кам монда буд, онро ҳамон тавр ба дасти чоп месупорад. Рӯзи дигар навишта дар «летучка» баҳои баланд мегирад.

## ЛЕНИН ВА ГОРКИЙ

Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дар беморхона табобат мегирифт. Рӯзе як гурӯҳ аз кормандони рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба аёдати ӯ мераванд. Нависанда Раҷаб Мардон низ, ки аз зиёфате меомад, бо онҳо ҳамроҳ шуда, лаҷоми суханро ба даст мегирад:

– Дар ҷашни 60-солагии шоире будам. Чунон нағз гузашт, ки аз зодрӯзи Ленин ҳам зӯр...

– Ҳамин хел аст, ки аз Горкий ҳам бештар гап мезанӣ, – мегӯяд Ёдгорӣ.

## «КАРИМ ДАВЛАТ ВА СИЁСАТ»

Нависанда Карим Давлат муовини аввали сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷумҳурият» таъин шуду корро аз беҳбудии кори шӯъбаи «Давлат ва сиёсат» оғоз кард. Бо ин мақсад, дар ҳар маҷлису «летучка»-ҳо ба ходимони шӯъба супоришҳо дода, фаврӣ аз натиҷааш пурсон мешуд. Кор ба ҷое расид, ки бо муҳаррири шӯъба Нозир Ёдгорӣ гуфтугӯҳои «ҷиддӣ» сурат гирифтанд.

Рӯзе дидам, ки Нозир Ёдгорӣ пушти дари шӯъба «Карим Давлат ва сиёсат» менавишт. Сабаб пурсидам.

– Тартиби корро аз ҳамин ҷо оғоз мекунем, – гуфт ӯ.

## ХЕШӢ АЗ ҲИСОБИ ДАСТПОККУНАК

Сайёфи Мизроб ба хонаи дӯсту ҳамкасб ва хеши модариаш Самандар хабаргирӣ меравад. Ӯро гиромӣ дошта, зиёфат мероянд. Чанд лаҳза пеш аз худоҳофизӣ Сайёф мегӯяд:

– Самандар, хешии худамон маълуму лекин боз маълум шуд, ки занҳоямон низ хеш будаанд.

– Чӣ хел? – дар ҳайрат шуда мепурсад мизбон.

– Чунки ҳамсари ман низ, ки рӯи дастурхон тамоми нозу неъматро биёрад, дастпоккунакро фаромӯш мекунад.

## МУДИРОНИ ФАРҲАНГ

Мудирони шӯъбаҳои фарҳанги шаҳру навоҳии вилояти Хатлонро ба маҷлиси сатҳи боло даъват мекунанд. Шоири тоссар Азиз Раҳим низ, ки ба ҳайси мудири шӯъбаи фарҳанги ноҳияи Колхозобод фаъолият мекард, таклиф мегардад. Зимни маҷлис ӯ дар рӯ ба рӯи марде ҷой мегирад, ки як чашмаш кӯр буд.

Баъди оғози маҷлис он мард гӯшакӣ карда, аз шоир мепурсад:

– Мебахшед, Шумо ҳам мудири шӯъбаи фарҳангед?

– Бале, куҷое, ки як калу кӯр буд, мудири шӯъбаи фарҳанг мондаанд, – ҷавоб медиҳад Азиз Раҳим.

## ХУДИ ШУМОРО ИВАЗ КАРДАН ДАРКОР

Тоҷири давлатманде аз шунидани шеърҳои Хайрандеш ба ваҷд омада, ба шоир куртаи қиматбаҳое тақдим карданӣ мешавад, вале шоир аз гирифтани он худдорӣ мекунад.

– Гиред охир, ман аз таҳти дил мебахшам...

– О, ман инро чӣ хел мепӯшам? Ба ин туфлию шиму пиджаки мувофиқ даркор.

Тоҷир маҷбур шиму пиджак ва туфлӣ низ мехарад. Вале шоир ба ин қаноат намекунад ва мегӯяд:

– Гарданбанд, ҷӯроб, кулоҳ, тахпӯш, шарф... ҳам мегирифтед, нуран алонур мешуд.

– Биёед, якбора худатонро ҳам иваз кунем, – ҳазломез мегӯяд тоҷир.

## МАҚОМИ БАЛАНД

Журналист Зебунисо ба Бунёди забони тоҷикӣ, ба ҳузури шоир Лоиқ Шералӣ меравад, ки дар бинои баландошёна ҷойгир буд. Баъди «фатҳ»-и қабатҳо чанде нафасашро рост карда, бо душворӣ мегӯяд:

– Устод, дафтари кориатон ин қадар баланд, дар қабати даҳум-е.

Устод ҷавоб медиҳад:

– Бале, забони давлатии мо ҳамин хел мақоми баланд дорад.

## ТОҶИКИСТОНРО ДӮСТ МЕДОРАМ

Боре аз шоир Хайрандеш пурсидам:

– Барои чӣ ин қадар қарз бисёр мегирӣ?

Хайрандеш ҷавоб дод:

– Азбаски Тоҷикистони азизамро бисёр дӯст медорам, мехоҳам аз ҳар ҷиҳат ба ӯ монанд бошам.


ЛАТИФАХО

* * *

Мизоҷе аз пешхизмати ошхона пурсид:
– Мастоба доред?
– Не, – шунид дар ҷавоб.
– Карамшӯрбо чӣ?
– Надорем.
– Хомшӯрбо ҳам?
– Нест.
– Ақаллан оби ҷӯшомада доред?
– Аз куҷо?! Саҳар боз газу барқ хомӯш гардидааст...
– Пас, китоби арзу шикоятҳо доштагистед?
– Метавонед дар навбат истед.

* * *

Донишҷӯе ҳангоми таътил ба деҳа рафт.

– Пӯст болои устухон шидай... – ӯро дидан замон гуфт модар нороҳат шуда.

– Ҳеҷ чиз намехӯрдӣ, ки ин қадар лоғарӣ? – пурсид падар низ ҳайрон монда.

– Аз хӯрдана ҳамин хел шудам, – ҷавоб дод писар.

– Чӣ мехӯрдӣ, ки?..

– Шаб то саҳар дар хобгоҳу саҳар то нимрӯз дар синфхона хунук мехӯрдаму нимрӯз то бегоҳ ғам. Аз бегоҳ то вақти хоб бошад, афсӯс...

* * *

– Алло, шӯъбаи алоқа?
– Бале.
– Бо ноҳияи Ёвон пайваст кунед.
– Бахшиш, ба ин ҷо алоқа надорем.
– Ню-Йорк чӣ?
– Ҳозир...
– Алло, Ню-Йорк?
– Бале.
– Ба Ёвон пайваст кунед.

* * *

– Тарсончак!

– Киро мегӯӣ?! – ҳайрон пурсид падар аз писарчаи хурдсолаш, ки дар истгоҳ интизори мусофиркаш меистоданд.

– Ронандаи ҳу ана ҳамон «Мерседес»-ро, – бо даст нишон дода гуфт писар.

– Барои чӣ?

– Бо шаст мошин ронда, ҳуштаки нозирро эътибор надод, вале баробари сурх шудани як чароғак тормозро пахш кард.

* * *

Довталабе ба Донишгоҳи омӯзгорӣ занг зада пурсид:

– Алло, факултаи забонҳои хориҷӣ?

– Не, шумо нодуруст... афтодед.

– Ҳанӯз ҳуҷҷат насупорида?!

* * *

– Чаро аз ошёнаи даҳум хона харидӣ?

– Зеро лифтёр дар қабати дувоздаҳум зиндагӣ мекунад.

* * *

– Додар, вақтро намегӯӣ?

– Соат надорам.

– Тахмин чанд бошад?

– Ба фикрам панҷ шудагист.

– Соат надорӣ, аз куҷо медонӣ?

* * *

Автобус пури одам ба роҳ мебаромад, ки аз дари пеш боз мӯйсафеде савор шуд.

– Бобо, аз боло гузаред, – хитоб кард ҷавоне, ки дар қатори пеш менишаст.

* * *

– Чаро роҳкирои Душанбе – Қӯрғонтеппа 2,5 сомонӣ арзиш дораду Қӯрғонтеппа-Душанбе 3 сомонӣ? – пурсид мусофире.

– Чунки аз ин тараф кӯталтарай, – гуфт хазинадори саристгоҳ.

* * *

– Алло!
– Бале, гӯш мекунам!
– Овозатонба мурам.
– Кошкӣ!

* * *

Нисфи шаб, занги телефон. Гӯшакро бардошта шунидам:
– Алло! Боғи ҳайвонот?
– Бале, аммо катаки холӣ надорем.

* * *

– Алло! Ҷои холӣ доред?
– Шумо ба куҷо занг мезанед?
– Ба меҳмонхона.
– Не, ин ҷо Боғи ҳайвонот.

* * *

Донишҷӯе аз ғояти дарди шикам печутобхӯрон ба беморхона меравад.
– Чӣ хӯрда будӣ? – мепурсад духтур.
– Ду табақ оши палав.
– Танҳо хӯрӣ, ҳамин хел мешавад.

* * *

Дар беморхона. Сардухтур бо табибон саломатии беморонро аз назар гузаронида, ба ҳуҷрае ворид мешаванд, ки яке аз беморон дар ҷояш нест.
– Барои чӣ нест? – мепурсад сардухтур.
– Намедонем, – худро ба нодонӣ мезананд табибон.
Беморе дарҳол ҷавоб медиҳад:
– Каме нотоб шуд, ба хонааш рафт.

* * *

«Тоҷики нав»-е падарашро, ки навакак аз тавофи Хонаи Каъба баргашта буд, пешвоз гирифта, бо мошини хориҷии навхарида ба хона мебурд. Дар роҳ мӯйсафед сарфаҳм нарафт, ки чӣ гуна тирезаи шамолдароро поин кунад ва ба пи-

сараш иҷрои ин корро амр дод. Аммо писари шӯх худро ҷиддӣ вонамуд карда гуфт, ки тиреза танҳо бо дуо кушода мешавад. Падар дуо кард. Писар рустӣ тугмачаро зер кард ва тиреза кушода шуд.

– Нав бовар кардам, ки дар ҳақиқат Худо будааст, – гуфт Ҳоҷӣ.

* * *

Марди бадахшоние баъди сайру гашти пойтахти кишвар – Душанбе бо роҳи навсохти Кӯлоб-Хоруғ ба зодгоҳ бармегашт. Ҳангоме ба шаҳри Кӯлоб мерасанд, шефтаи хонаҳои бо карру фар сохта мегардад ва аз мусофири ҳамроҳаш мепурсад:

– Ин хонаи кӣ?

– Аз раиси Ширкати «Дулона».

– Инаш аз кӣ?

– Директори бозори «Ганҷ».

– Поёнӣ чӣ?

– Аз сардори ҶС «Хурмо».

Ба маркази шаҳр мерасанд. Масҷидеро бо нақшу нигору кандакорӣ дида, боз мепурсад:

– Инаш хонаи кӣ?

– Хонаи Худо.

– Нав фаҳмидам, ки Худо ҳам аз Кӯлоб будааст.

* * *

– Духтари зебо, шуморо дар куҷое дидаам, вале ҳеҷ ба ёд оварда наметавонам.

– Ман ёд дорам, дар Боғи ҳайвонот, – бо хашм гуфт духтар.

– Ҳа, ёдам омад. Дар катаки рӯ ба рӯ худат меистодӣ!

* * *

– Чаро рӯзи кӯдакон, ҷавонон ва занонро ҷашн мегиранду аз мардонро не? – пурсид марде аз падари ришсафедаш.

– Зеро ришдорон ҳам даъво мебардоранд.

* * *

Ду зан дар шаҳр хостанд рӯзнома фурӯшанд, вале харидор наёфтанд.

– Пулҳои бударо мустаҳкам дор, – гуфт яке.
– Чӣ, метарсӣ, ки медузданд?
– Бале, ин аз рӯзнома нахариданашон маълум...

* * *

Ҷавоне аз падар ҳар гоҳ пул пурсад, як сомонӣ медод.

Рӯзе бо рафиқон бозӣ дошт ва дид, ки падар меояд. Мақсад гузошт, ки чор сомонӣ мепурсад. «Шояд дар пеши рафиқонам ҳиммат мекардагист» – аз дил гузаронд.

– Чор сомонӣ? Се сомонира чӣ кор мекунӣ?! Ду сомонӣ бас аст! Ма, як сомонӣ! – гӯён падар пулро дароз кард.

* * *

Шайтони раҷим мардеро дид, ки кори носазое кардан дорад ва ба ӯ гуфт:

– Ин чӣ корест, ки мекунӣ?

– Шайтон аз роҳ зад...

– Чӣ дурӯғ мегӯӣ? Ҳамон шайтони мегуфтагиат манум, вале аз кори кардаи ту дар ҳайрат шудум...

* * *

Писари нозири роҳе аз дунё гузашт. Рӯзи мотам ронандагони зиёде ҷамъ омаданд. Вале нозир аз онҳо гила кард:

– Раҳматӣ писари ману шумо чаро «бача-мой»-гӯён нола кардед?!

Ронандае дар ҷавоб гуфт:

– Чӣ хел нола намекардаем, ки ӯро бо пули мо калон карда будӣ...

* * *

Муаллим:

– «Нон бошад, суруд ҳам мешавад...»

Донишҷӯе аз оилаи камбизоат:

– Кунҷора чӣ?

* * *

Котиба дари утоқи сармуҳаррирро кушода, гуфт:

– Бо шумо яке аз хонандагони рӯзнома сӯҳбат карданист.

– Баъди ним соат гӯед дарояд.

– Не, он кас ба воситаи телефон...

* * *

Нозири роҳ мошинеро боздошта, нигоштаи нишонии сари синаашро ба ронанда чунин маънидод кард:

– БДА, яъне: бте доляи аката!

Ронанда ба рақами мошинаш, ки ХТА буд, нишон дода, гуфт:

– Худут талбандаӣ, ака?!

* * *

– Амак, дафтарҳоро чанд дирамӣ харидӣ?

– Панҷӣ.

– Ба ман даҳӣ намефурӯшӣ?

– Не додар, бистӣ ҳам диҳӣ, намефурӯшам, чунки ниҳоят даркор.

– Сӣ дирамӣ чӣ?

– Гуфтам-ку...

– Панҷоҳӣ ҳам?

– Майлаш, майлаш...

* * *

Баъди ором шудани бархӯрдҳои сиёсии кишвар марде ҳар рӯз аз садою симо мешуниду аз тариқи матбуот мехонд: «Дусад мошинро ба яғмо бурданд...», «Ба миқдори сад миллион сомонӣ хӯрокворӣ ба яғмо рафт...». Ахиран хулоса кард:

– Оббо, яғмогиҳо ҳай бою бадавлат шуданд-да?!

* * *

Тоҷире аз Тоҷикистон ба Эрон сафар карда, дар меҳмонхона ҷой мегирад. Рӯзи бозгашт аз хидматгори меҳмонхона хоҳиш мекунад, ки куртаашро дарзмол кунад.

– Ба чашм, – мегӯяд пешхизмат.

– Ба чашм не, бо даст, – хавотир шуда мегӯяд меҳмон.

* * *

Дар мактаби олӣ омӯзиши фанни наверо тавсия медиҳанд.

– То анҷоми давраи таҳсил рӯзҳои башумор мондааст, 60 соат дарсро мо чӣ хел аз худ карда, пасон имтиҳон месупо-

рем, – иғво мебардоранд донишҷӯёни шӯъбаи рӯзона ва далел низ пеш меоранд, ки доир ба ин фан ягон дастури таълимие вуҷуд надорад…

– Ҳеҷ гап не, – изҳор медоранд донишҷӯёни ғоибхон, – барои мо синфи холӣ ёбед, ҳозиракак санҷишашро месупорем.

* * *

Вазире муовинашро, ки даву ғеҷ карда, мансаби ӯро гирифтанӣ буд, ба қатл расониданӣ шуда, чораҳои амалӣ андешид. Қотиле ба ивази ин кор 200000 доллар талаб кард. Супоришгар розӣ шуд. Аз ин ҳама муовин огаҳӣ ёфта ба вазир гуфт:

– Ними ҳамон пулҳоро ба ман деҳ, худам худамро мекушам.

* * *

Ду ҳамкурс баъди 30 соли хатми донишгоҳ вомехӯранд. Азбаски дидори онҳо тасодуфан сурат мегирад, ба хулосае меоянд, ки баъди як ҳафта боз вомехӯранд ва бафурҷа гуфтугӯ мекунанд.

– Ту сӯқи чашм доштаӣ, – гуфт аввалӣ, ки сарсиёҳ буд.

– Чӣ хел?

– Маро дидан замон гуфтӣ, ки: – « Мӯи сарат чи хеле ки буд, ҳамон хел бетағйир мондааст», акнун дар тӯли як ҳафта мебинам, ки дар сарам сафедӣ медамад.

– Ту ҳам сӯқи чашм доштаӣ, – меафзояд дуюмӣ.

– Ман?!

– Ҳа, бале, боз кӣ мешуд?

– Чӣ хел?

– Маро дидан замон пурсидӣ, ки: «Мӯятро дар куҷо ин қадар сафед кардӣ?», акнун саҳар бинам, тор-тор сиёҳ шудан дорад…

* * *

Дохили автобуси рақами 18. Ҷавоне аз духтаре мепурсад:

– Истгоҳи оянда мефуроед?

– Не.

– Ман ҳам намефуроям.

* * *

Ронандаи таксӣ аз мусофирон хоҳиш кард, ки ба сигоре банг пур кунанд.

– Надорем ва ҳам намекашем, – хавотир шуда, гуфтанд ҷавонон.

– Ман аниқ медонам, ки шумо доред ва низ мекашед. Аз ин рӯ, бемалол пур кунед, якҷо мечокем.

Оқибат мусофирон розӣ мешаванд, вале ҳамоно хавотир буданд, ки ронанда аз куҷо пай бурд, ки онҳо маводи нашъа доранду…

– Аз он пай бурдам, ки ҳар чоратон аз дари пеш савор шудед, – гуфт ронанда.

* * *

– Чаро аз тарабхонаи «Сулҳ» аз кор рафтӣ? Ту пешхизмати пешқадам будӣ-ку!

– «Шеф»-аш маро хафа кард.

– Чӣ хел?

– Ҳамту.

– О, чӣ хел ҳамту? Ё ягон бӯса талаб кард, ки надодӣ?

– Баракс, ягон бор напурсид.

* * *

Марде барои пайдо кардани қути лоямуте озими шаҳри Маскав шуд. Як шиносаш ӯро дидан замон гуфт:

– Як адресат медиҳам, ба ҳамон ҷо меравӣ. Ҳар рӯз се вақт хӯроки гарм медиҳанду моҳе 800 доллар маош. Ҷои хоб бепул.

– Ку бигӯ, чӣ хел ҷойи кор будаст?

– Ҳамин ҷо ист, рафта аз занам пурсам. Ӯ он ҷо рафта буд…

* * *

Дар деҳаи дурдасте барои сохтани масҷид аз мардум пул ҷамъ мекунанд. Ҳамин ки ба хонаи бадмасте меоянд, ӯ бехабар аз ҳама мепурсад:

– Барои чӣ пул ҷамъ мекунед?

– Хонаи Худо месозем…

– Чӣ, Худо то ин вақт иҷорашин буд?

* * *

– Ало, маро шинохтӣ?
– Бале.
– Кистам?
– Сӯҳроб.
– Кошки намешинохтӣ.
– Барои чӣ?
– Бой мешудам.

* * *

– Самбӯсаи гарм намехаред? – пурсид фурӯшандае аз донишҷӯ.
– Не.
– Барои чӣ?
– Яке насӯзам…

* *

Муаллим аз донишҷӯе пурсид:
– Рӯдакӣ исми ҷондор аст ё беҷон?
– Беҷон.
– Чӣ хел?
– О, вай мурдагӣ-ку!

* * *

Марде як илоҷ карда ба донишгоҳ дохил шуд. Вале бахташ омад намекарду ҳамасола дар курсаш мемонд. Ҳамин тариқ, дар курси якум 1 сол, дуюм-5, сеюм-7, чорум-8 ва курси панҷум 12 сол таҳсил карда, то синни 59 хатм карда натавонист. Устодон як сол қабл аз ба нафақа баромаданаш гузашт карда, баҳо мемонанд. Ва сипас аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки дар давоми 33 соли таҳсил аққалан байтеро азёд хонад.

Мард мегӯяд:

*«Ман калон мешавам,*
*Қаҳрамон мешавам!»*

* * *

Марди камбизоате дар бозор 20 кило гӯшт, 10 кило ҳасиб, 30 дона нони сафед ва дигару дигар чизҳо харидани ҳамсояашро мушоҳида карда, аз ӯ пурсид:

– Маърака доред, чӣ?
– Не, барои сагам харидам.
– Барои саг?!
– Ҳа, чӣ буд, ки?...
– Кошки Худо мара саги ту мекард.

* * *

– Ту китоби «Фарҳанг» дорӣ?
– Не, надорам.
– Бефарҳанг!

* * *

– Падарҷон!
– Лаббай, писарам!
– Мардум мегӯянд, ки савдогарон инсоф надоранд, аммо дар бозорчаи худамон баъзе аз фурӯшандагон доранд.
– Ба ин гапҳо аҳамият надеҳ, писарам, аздусар онро ҳеҷ кас намехарад.

* * *

Се духтари донишҷӯ сӯҳбат доштанд. Ҷавони се-чор кас медидагие аз назди онҳо мошинасавор гузашт.
– Шӯ бошад набошад, ҳамин хелаш бошад, – гуфт якумӣ.
Дуюмӣ:
– Ҳамин хел ҷавон агар маро ба занӣ гирад, дигар аз дунё ҳеҷ армон надорум.
– Дар атааш мара бкша, – афзуд сеюмӣ.

* * *

Марде аз занаш, ки духтари марди номдоре буд, ҷудо шуд. Дарҳол ӯро яке аз одамони намоён ба занӣ гирифт. Ба шавҳари якум дӯстонаш гуфтанд:
– Фаҳмидӣ, ки занатро фалонӣ гирифт?
Мард дар ҷавоб:
– Ӯ зани ман буд, ки гирифтандаш, аз шумо мебуд, саг намегирифташ.

* * *

Терорристон тайёраеро таркониданд ва он дар биёбоне афтид. Тифоқо, бо амри тақдир ду кас зиндаву саломат мон-

данд. Аввалӣ як линча кулча дошту дуюмӣ як линча тилло. Вақте гурусна мемонанд, яке аз дигаре мепурсад:

– Як кулчаатро чанд пул мефурӯшӣ?

– Як линча тилло.

– Чӣ ин қадар қимат?

– Хайр, як гашта бин, шояд арзонтар меёбӣ.

* * *

Ба нимчамуллое, ки имом-хатиби деҳа таъин шуда буд, хабар мерасонанд, ки қариб 40 фоизи аҳолии деҳа рӯза нагирифтаанд.

Имом-хатиб дар ҷавоб:

– Рӯза нагиранд ҳам, фитри рӯзаро ба масҷид супоранд, мешавад.

* * *

Марде гове аз бозор ба хона мебурд. Нозири роҳ ӯро дида гуфт:

– Як ҳафта баъд мемурад.

Дуруст баромад.

Ҳафтаи дигар мард боз гов харид ва боз ҳамон нозирро дид:

– Сари ҳафта мезояд, – гуфт ин дафъа нозир.

Боз дуруст баромад.

Мард дар ҳайрат монда ба назди нозир омада, пурсид:

– Ин ҳамаро аз куҷо донистӣ?

Нозир гуфт:

– Ман як ҳафта мешавад нозир ҳастам, аммо понздаҳ сол подабон будам.

* * *

Ба ҳавзаи интихоботӣ ду мошин орд оварданд. Ҳама ҳайрон шуданд, зеро як мошин ваъда карда буданд.

– Интихоботи такрорӣ мешавад, – гуфт раиси ҳавза.

* * *

Зимни иҷрои касб (рӯзноманигорӣ) вакили мардумиеро пурсидам:

– Барои дамгирӣ хонаи деҳотиат хуб ё «сексия»-и шаҳриат?

– Сессия, – гуфт ӯ.

* * *

Дар троллейбуси рақами 4, ки ба самти «Гулбутта-Аэропорт» ҳаракат мекунад, ҷавоне номи духтареро пурсид:

– Гулбутта, – гуфт духтар. – Номи шумо чист?

Ҷавон посухи духтарро шӯхӣ пиндошта гуфт:

– Аэропорт.

* * *

– Латифаатон лоиқи чоп не, малоли хотиратон нашавад, лутф надорад, – гуфт ходими адабии рӯзнома ба навқаламе.

– Набошад, якуми апрел – Рӯзи ханда чоп кунед. Хонда ба хандаовар набуданаш механданд.

* * *

– Ҳамин Боқизодаро маҳалгароӣ бегона аст, – гуфт ҳамкорам Саидзода.

– Чӣ хел?

– Сардор аз куҷое таъин шавад, ӯ худро ҳамонҷоӣ мегирад.

* * *

Падар: – Рав, говҳоро об деҳ!

Писар: – Чӣ гуфтӣ?!

Падар: – Майлаш, худам рафта медиҳам.

* * *

– Ахбори тозаро аз радио шунидӣ? – пурсид яке аз дӯстонам.

– Не, чӣ буд? – ҳайрон шудам ман.

– Номи Идораи сӯхторхомӯшкуниро иваз карданд.

– Чӣ ном монданд?

– Идораи хокистаробпошкунӣ.

* * *

Аз пашшае пурсиданд:

– Чаро ин қадар лоғарӣ?

Гуфт:

– Чанд рӯз пеш ба таоми донишҷӯе афтода будам. Ӯ маро фучид-фучиду ҳаво дод.

* * *

Нозири роҳ мошинеро боздошт. Сипас даст ба чакка бурд:

– Лейтенант Ғафуров!

Ронанда низ дарҳол даст ба чакка бурда, худро шиносонд:

– Ронанда Ғафуров!

– Роҳи сафед!

* * *

Дарси иловагӣ ҳам ба охир расиду муаллим ба донишҷӯён гуфт:

– Пароканда нашавед, ба вохӯрӣ меравем!

– Чихӯрӣ, – саросема пурсид донишҷӯе, ки аз гушнагӣ шикамаш танбӯр менавохт.

* * *

Ҷавоне ҳамкурсашро ба Иди занон – ҳаштуми март табрик гуфт.

– Табрики холиро чӣ кор кунам, – норозиёна ғурунгид духтар.

Ҷавон рафта шакалоди «Сникерс» овард.

– Ҳазор раҳмат, – фараҳмандона гуфт духтар.

– Раҳмати холиро чӣ кор кунам?! – паст наомад ҷавон.

* * *

Муаллими забон:

– Кампир исми ҷондор аст ё беҷон?

Донишҷӯ:

– Исми нимҷон.

* * *

– Ман душмани касе, ки вақти дарс гап мезанад, – гуфт муаллим ба донишҷӯён.

– Мо ҳам душмани касе, ки вақти дарс гап мезанад.

* * *

Ҷавон:

– Шумо ниҳоят қашангед!

Духтар:

– Шумо ҳам ниҳоят зебову раъноед.

Ҷавон:

– Э хуше!

Духтар:

– Чӣ, шумо аз зебоиву раъноӣ қимобед?

Ҷавон:

– Не, ман аз Зебою Раъно қимобам.

* * *

Муаллим:

– Кадом қутбро медонед?

Донишҷӯ:

– Қутби Киромро.

* * *

Муаллим:

– Алфавитро гуфта диҳед.

Донишҷӯ:

– А, Б, В, Г, Ғ, Д ва ҳоказо...

* * *

– Ба чизе расам, ҳатман ба савдо меравад, – гуфт лӯлие дар бозор.

– Ин тавр бошад, ба хоҳарарӯси ман рас.

* * *

Муаллим:

– Мавзӯи вазифаи хонагиро гап зан.

Хонанда:

– Гап намезанам.
Муаллим:
– Чаро?
Хонанда:
– Худатон дирӯз гуфта будед, ки «Даҳони пӯшида – сад тилло».

* * *

– Аъзои баданам чунон дард мекунад, ки на хобидану нишастан мехоҳаму на аз ҷоям хестан, – муроҷиат кард беморе ба духтур.
– Ин тавр бошад, муаллақ ист...

* * *

Лӯлие назди ду ҷавон омада пул талбид. Яке аз онҳо яксӯмаеро дароз кард, вале дуюмӣ ҳамёнашро ҳарчанд кофт, пули майда наёфт. Ноилоҷ гуфт:
– Мебахшед, пули майда надорам!
– Худам майда мекунам!

* * *

Муаллими забон:
– Калимаи сир кадом намуди исм аст?
Донишҷӯ:
– Исми махфӣ.

* * *

Муаллим аз донишҷӯе пурсид:
– Исм чист?
– Ман дер боз мехостам инро аз худи шумо пурсам, – бадоҳатан посух дод донишҷӯ.

* * *

Ҷавоне ба духтаре гуфт:
– Эй «чӯҷа», маро ба шавҳарӣ қабул мекунӣ ё на?
Духтар дар ҷавоб:
– Инро аз «мудири ферма» пурсидан даркор.

* * *

Профессор аз нодонии шогирдаш бадқаҳр шуда мегӯяд:

– Дар каллат ягон чиз ҳаст? Гап зан!

– Устод, дар каллаи ман аз каллаи шумо дида мӯй бисёртар, – дар ҷавоб мегӯяд донишҷӯ.

* * *

– Ҳамкурсе дорам аҷоибрафтор. Куҷое равем, чизе ки харем, ҳамаро худ ҳисобӣ мекунад, – гуфт Саида.

– Ин тавр бошад, ӯро бо ман шиносон, – хоҳиш кард дугонааш...

* * *

Духтур:

– Чӣ дард дорӣ?

Бемор:

– Сару дандонам дард мекунад.

Духтур:

– «Агар бӯса гирӣ аз қадбаландон, на дарди сар шавӣ, на дарди дандон».

* * *

Духтур:

– Чӣ дард доред?

Бемор:

– Забонам мепечад.

Духтур:

– Якчанд забонро омехта карда гап назанед-да...

* * *

Дар кӯчаи марказӣ мӯйсафеде, ки навакак аз деҳа омада буд, қоидаи ҳаракатро вайрон кард. Нозири роҳ ҳуштак кашида гуфт:

– Бобоҷон, ба таги замин равед, намешавад?

– Худат ба таги замин рав! – барошуфт мӯйсафед.

* * *

– Чаро кӯдакро задӣ?

– Гуноҳ кард.

– Бо даст назадӣ, ки лагад задӣ?

– Бузургон гуфтаанд: «Кас аз дасту забони худ маёзор».

* * *

Мегӯянд телевизиони «Сомониён» озмуни наттоқонро эълон намудааст?!

– Медонам, онҳо аввал наттоқонашонро қабул карда, сонӣ озмун эълон карданд.

* * *

– Устод Қаразодаро чаро хафа кардед?

– Хафа накардам.

– Рӯзи имтиҳон ба ту чӣ гуфта буд?

– Ҳеҷ чиз напурсида аз имтиҳон гузаронду гуфт, ки рафта як шиша биёр. Шишаи тирезаи синфамонро канда овардам.

* * *

Ҷавони гуруснае мағозаҳои шаҳрро гашта нон наёфт. Ноилоҷ аз партовгоҳҳои кӯча майли шикамсерӣ намуд. Шиносеаш ӯро дида пурсид:

– Он ҷо чӣ кор мекунӣ?

– «Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм».

* * *

Ду мард, яке кӯру дигаре шал аз роҳ ба мошине савор шуда, сӯи Душанбе меоянд.

Ронанда, ки русзабон буд, сигор даргиронда аз марди шал, ки паҳлӯяш менишаст, мепурсад:

– Куриш?!

– Нет, он куриш, я шалиш...

* * *

Марде писари калонашро мефармояд об биёрад.

– Вақт надорам, – гӯён писар ба кӯча метозад.

Писари хурдӣ, ки ин манзараро мушоҳида мекард, мегӯяд:

– Дидӣ, ота, гапта намегира. Рав акнун як об худат бинӯшу як об мада биёр.

* * *

Муаллим:

– Чаро маймунҳои ҳозира ба одам мубаддал намешаванд?

Донишҷӯ:

– Аз навбати хона метарсанд.

* * *

Довталабе дар иншояш ягон аломати китобатӣ нагузошт. Баъд дар поёни матн ҳама аломатҳоро нигошта, хитобае сабт кард: «Все по местам!..»

* * *

– Домулло, метавонед маро табрик кунед, – гуфт нависандаи ҷавоне ба устодаш.

– Боз ба кадом хотир?

– Узви Иттифоқи нависандагон шудам.

– Офарин! Офарин! Ана, акнун кӯшиш кун, ки нависанда ҳам шавӣ.

* * *

Аз олмоние, ки баъди сафари давлатҳои Осиёи Марказӣ ба Ватан баргашт, пурсиданд:

– Мардуми Тоҷикистон чӣ ҳол доранд?

– Аз мо хеле пеш рафтаанд.

– Чӣ хел?!

– Мошинҳое, ки мо ихтироъ мекунем, онҳо муҳаррики трактор часпонда меронанд.

* * *

– Бобоҷон, як себ гирам, майлаш, – хоҳиш кард набера, ки себҳоро коғазпеч карда, ба сабади чӯбин меандохту ба бозор шитоб дошт.

– Чӣ коруш мекунӣ?! – якбора садо баланд кард мӯйсафед.

Кӯдак аз тарс базӯр дар ҷавоб:

– Камтар бозӣ карда, баъд меёрумуш.

* * *

Дар бозори «Корвон» ҷавоне аз марде нос пурсид.

– Намекашам, – гуфт дар ҷавоб ӯ.

– Сигор чӣ?

– Сигор ҳам.

– Умуман, шумо дар зиндагӣ ягон чиз мекашед?

– Бале, дар ҳамин бозор ароба.

* * *

Ҷавоне духтари зебоеро ба гап даровардан̄ӣ шуда, аз ӯ пурсид:

– Мебахшед, шумо аз водии Ҳисор нестед?

– Не, – гуфт духтар.

– Ман ҳам аз Ҳисор нестам...

* * *

– Чаро аз чор тарафи шаҳрамон дарвоза месозанд? – пурсид писари хурдсоле аз падар.

– Чунки нагӯянд, ки Душанбе шаҳри бедарвоза аст.

* * *

Марде бегоҳи ҷумъа аз кор барвақт ба хона омада, занашро амр дод, ки об гарм кунад. Ва худ каҷпаҳлӯ зада, хобаш бурд.

Зан болои газ обро гузошт. Аз байн чанд вақт гузашт, вале ҳеҷ не ки мард аз хоб хезад.

Кадбонуи хона як ҳине аз хоб бедор шуд, ки субҳ ковок мешуд. Дарҳол аз пайи бедор кардани ҳамсараш шуд.

– Мардак бихез, ки оби сатил аз ҷӯшидана ним шудай.

Мард базӯр як чашмашро кушода, дар ҷавоб гуфт:

– Ним ки шуда бошад, бигир хамираш кун!

* * *

Дар арафаи Иди матбуот миёни журналистони ҷавони кишвар таҳти унвони «Кӣ соҳиби хонаи шахсист?» озмун доир мегардад.

Ҳакамон ба хулоса меоянд, ки се ҷои аввалро ба касе лоиқ набинанд.

* * *

Зарурат пеш меояду марди деҳотие бо мошини сабукрави шахсӣ ба Душанбе меояд. Аммо дар роҳҳо мушоҳида мекунад, ки аз чароғаки сурх ҳам мошинҳо мегузаранду касе эътибор намедиҳад. Ӯ низ боре ҳамин тавр мекунад, вале нозири роҳ дарҳол ӯро манъ карда мепурсад:

– Барои чӣ аз чароғаки сурх гузаштӣ?

– Дигарон гузаштанд, ман ҳам...

– Ба дигарон чӣ кор дорӣ? Онҳо-ку ҳуҷҷати ронандагӣ надоранд...

* * *

Айёми бархӯрдҳои сиёсии кишвар дар дидбонгоҳе нозирони роҳ мошини сиёҳшишаеро бозмедоранд ва аз ронанда нишон додани ҳуҷҷатҳояшро талаб мекунанд. Ронанда, ки қумондон буд, аввал мили автоматашро нишон медиҳаду пасон бо овози баланд мегӯяд:

– Ҳуҷҷат нест!

– Набошад, роҳи сафед! – мегӯянд нозирон бо як овоз. – Мо ронандагони ҳуҷҷатдорро тафтиш мекунем.

**Самариддин Асозода**

**АШКИ ХАНДА**

*(Латифаҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 13.09.2011 супорида шуд.
Чопаш 20.09.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 4.0.
Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

Дар матбааи «Аржанг» чоп шудааст.